Бонки Умумиҷаҳонӣ



# МУБОРИЗА БО КАМБИЗОАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ФАЪОЛИЯТИ ГУРӮҲИ БОНКИ УМУМИҶАҲОНӢ СОЛҲОИ 1994 – 2007

Феврали соли 2007

**Гурӯҳи Бонки Умумиҷаҳонӣ**
**Минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ**
**Ҳисобот дар бораи фаъолият дар Тоҷикистон**

Бонки Умумиҷаҳонӣ ба фаҳмиши маънии умумии ин калима "бонк" намебошад. Ин яке аз агентиҳои махсуси Миллали Муттаҳидест, ки аз 185 мамлакати иштирокчӣ иборат мебошад. Ҳамаи ин мамлакатҳо барои маблағгузорӣ ва хароҷоти маблағҳои муассисаи мазкур масъулияти муштарак доранд. Дар баробари дигар ташкилоту кишварҳое, ки доир ба масъалаи рушд кор мекунанд, Бонки Умумиҷаҳонӣ саъю кӯшиши худро ба комёбшавии Ҳадафхои рушди ҳазорсола, ки мамлакатҳои аъзои СММ соли 2000 қабул карданд, равона намуда, он ба пасткунии босуботи сатҳи камбизоатӣ дар тамоми ҷаҳон нигаронида шудааст.
Бонки Умумиҷаҳонӣ як навъи кооперативест, ки дар он 185 мамлакати иштирокчӣ саҳмгузор мебошанд. Саҳмгузоронро дар он Шӯрои иҷрокунандаҳо намояндагӣ карда, дар ниҳояти кор сиёсат ва роҳи Бонки Умумиҷаҳониро муайян месозад. Чун қоида, вазирони молия ё вазирони рушди мамлакатҳои иштирокчии Бонки Умумиҷаҳонӣ роҳбар мебошанд. Онҳо соле як маротиба дар маҷлисҳои ҳарсолаи Шӯрои роҳбарони Гурӯҳи Бонки Умумиҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор вомехӯранд.

Азбаски роҳбарон соле як маротиба вомехӯранд, баъзе вазифаҳои худро ба дӯши 24 Директороне вомегузоранд, ки ба таври доимӣ дар Бонки Умумиҷаҳонӣ кор карда истодаанд. Панҷ саҳмгузори калонтарин Фаронса, Олмон, Ҷопон, Британияи Кабир ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико директорони худро таъин мекунанд, дигар мамлакатҳоро бошад 19 директорон намояндагӣ мекунанд.

Президенти Бонки Умумиҷаҳонӣ Пол Волфовис сардори маҷлиси Шӯрои директорони иҷрокунанда буда, барои роҳбарии умумии Бонк масъул аст. Чун анъана Президенти Бонк шаҳрванди Амрико - саҳмгузори калонтарини Бонк мебошад ва номзад ҳам ба мансаби мазкур аз ҳамин мамлакат аст. Президенти Бонкро Шӯрои иҷрокунандаҳо ба мӯҳлати панҷсолаи дарозшаванда интихоб мекунанд.

Тақрибан 10 000 кормандоне, ки намояндаҳои қариб ҳар як мамлакати дунё мебошанд, дар қароргоҳи Бонки Умумиҷаҳонӣ - Вашингтон, ва ҳамчунин дар зиёда аз 100 намояндагиҳои сар то сари ҷаҳон кор мекунанд.

Гурӯҳи Бонки Умумиҷаҳонӣ аз Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд (ББТР), Ассоциатсияи байналмилалии рушд (АБР), Корпоратсияи Байналмилалии молиявӣ (КБМ), Агентии бисёрҷонибаи оид ба кафолатҳои маблағгузорӣ, ҳамчунин Маркази байналмилалии оид ба танзими маблағгузорӣ (МБТМ) иборат буда, як ҳадафи умумӣ дорад: ёрӣ расонидан ба қарзгирони худ дар кори паст кардани сатҳи камбизоатӣ. ББТР ва АБР ба ҳукумати мамлакатҳои қарзгир барои лоиҳаю барномаҳо қарзу заём медиҳанд, ва ин лоиҳаю барномаҳо тавассути баланд бардоштани ҳосилнокии иқтисодиёт ба пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ мусоидат намуда, одамон беҳтар

зиндагӣ карда метавонанд. Дар баробари заём ва қарз Бонки Умумиҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои сиёсати давлатии соҳаҳои дахлдор машваратҳо дода, ёрии техникӣ мерасонанд, ҳамчунин ба мамлакатҳо дар бобати сафарбар кардани захираҳои молиявӣ кӯмак медиҳанд.

ББТР соли 1944 ташкил ёфт. Алҳол вай 185 мамлакати саҳмгузорро дар бар гирифта, ба мамлакатҳои сатҳи даромадашон миёна қарз медиҳад. АБР соли 1960 ташкил ёфта, алҳол 166 мамлакат дар ҳайати он мебошанд. АБР бо мамлакатҳои камбизоаттарини дунё, мамлакатҳое, ки даромади ҳар як нафари аҳолиашон дар соли 2005 аз 1025 доллари ИМА камтар буду, барои қарзгирӣ аз ББТР имконият надоштанд, кредит ҷудо мекунад. Ҳаштоду як мамлакати ҷахон, аз ҷумла Тоҷикистон, ба ин меъёрҳо мувофиқат мекунанд. АБР бо шартҳои имтиёзнок қарз медиҳад, ки мувофиқи онҳо мӯҳлати пардохт 40 сол аст, давраи имтиёзноки то оғози пардохтҳои аввалаи маблағи асосӣ бошад, дар сурати ставкаи фоизии сифрӣ 10 сол аст (танҳо ставкаи начандон калони пардохти қарз дар ҳаҷми 0,75 % татбиқ мешавад).

Ғайр аз пешниҳоди маблағгузорӣ барои мақсадҳои рушд ба мамлакатҳо, Бонки Умумиҷаҳонӣ ҳамчунин оиди масъалаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ манбаи донишҳои амиқу васеъ мебошад. Кормандони Бонк дар як мамлакат аз нуқтаи назари самарабахшии сиёсати давлатӣ таҳлили иқтисодиву соҳавӣ мегузаронанд, ва чунин ҳисоботҳо ба мисли: Меморандуми иқтисодии мамлакат, Шарҳи бахши молия, Арзёбии ҳисоботи молиявии мамлакат, Арзёбии системаи харид дар мамлакат ва ғайраро, вобаста ба хусусият ва талаботи мамлакат, пешниҳод мекунанд. Аксар вақт, ин таҳлил кори Бонкро дар мамлакат муайян мекунад. Интишори донишҳои васеи доир ба масъалаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ дар мамлакатҳои иштирокчӣ яке аз роҳҳои афзалиятноки рисолати Бонки Умумиҷаҳонӣ мебошад.

## БОНКИ УМУМИҶАҲОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН



***Рисолати Бонки Умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон ин рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат мебошад***

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Бонки Умумиҷаҳонӣ 4 июни соли 1993 ҳамроҳ шуд. Намояндагии маҳаллӣ маӣ нахустин бор моҳи октябри соли 1996 барпо гардида, баъд моҳи декабри соли 1998 ба намояндагии доимии мукаммал табдил дода шуд. Аз соли 1996 инҷониб АБР *бисту ҳашт лоиҳаи грантиро (ҷамъ чаҳор қарзи иловагӣ)* ба маблағи умумии ӯҳдадориҳои молиявӣ дар ҳаҷми 425 миллион доллари ИМА тасдиқ кардааст. Грантҳо бештар аз 86 миллион доллари ин маблағро ташкил медиҳанд. Аз маблағи умумии ӯҳдадориҳои молиявӣ аллакай амалан 334 миллион доллар аз худ карда шудааст. Ғайр аз ин, зиёда аз 8 миллион доллар ба Тоҷикистон ройгон барои такмил додани идоракунии

иқтисодӣ, барқарор намудани инфрасохтор ва рушди сармояи инсонӣ бо роҳи хазинаҳои трастие, ки Бонки Умумиҷаҳонӣ идора мекард, ҷудо карда шуда буд. Илова бар ин, аз ҷониби Корпоратсияи Байналмилалии молиявӣ (агентии Гурӯҳи Бонки Умумиҷаҳонӣ, ки рушди бахши хусусиро маблағгузорӣ мекунад) ёздаҳ лоиҳаи инвеститсионӣ ба маблағи умумии қариб 36 миллион доллари ИМА (дар шакли заём ва сармояи саҳмгузорӣ) тасдиқ шуда буд. Ҳамчунин КБМ бо кӯмаки молиявии донорҳо ба маблағи зиёда аз 10 миллион доллари ИМА хизматҳои машваратӣ пешниҳод намуд. Маълумоти ҷамъбастӣ оиди фаъолияти Гурӯҳи Бонки Умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон, ҳамчунин тавсифи мухтасари лоиҳаҳо поёнтар, баъди фасли начандон калон дар бораи барномаи шарикӣ ба мамлакат оварда шудаанд.

## I. Стратегияи ёрирасонӣ ба мамлакат – Барномаи шарикӣ

Стратегияи ёрирасонӣ ба мамлакат (СЁМ) аслан нақшаи кори Бонки Умумиҷаҳонист, ки фаъолияти ӯро дар мамлакат, аз ҷумла қарзҳо, кори таҳлилгарӣ, инчунин кӯмаки техникиро чун қоида, ба мӯҳлати се сол муайян мекунад. Дар он тавсифи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, вазифаҳои асоси он дар соҳаи рушд, ҳамчунин самтҳои умумии стратегияи ҳукумат дар соҳаи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ оварда шудаанд.

Се стратегияи пешинаи Бонки Умумиҷаҳонӣ оиди расонидани ёрӣ ба Тоҷикистон ба фароҳамоварии дастгирии мамлакат бо мақсади ҳалли вазифаҳои фавқулоддаи баъдиҷангии дар назди мамлакат истода ва барқарор намудани иқтисодиёт равона карда шуда буданд.

Ёрии Бонки Умумиҷаҳонӣ ба мамлакат дар шакли қарзҳои боимтиёз барои барқарорсозии инфрасохторе, ки дар ҷанги шаҳрвандӣ хароб гардида буд, кӯмак намуда, ислоҳоти иқтисодиро дастгирӣ кард. Ин ислоҳотҳо ба Тоҷикистон дар баробари аҳдномаи оиди сулҳ, дар тараққиёти иқтисодиёт ёрӣ расониданд.

Бонки Умумиҷаҳонӣ аҳамияти кишоварзиро чун сарчашмаи зиндагонии аз нисф зиёди аҳолӣ ба назар гирифта, ба ҷумҳурӣ дар бобати дар сеяки заминҳои киштбоб барқарор намудани хоҷагиҳои коллективона ёрӣ расонд. Лоиҳаҳои санҷишии кам кардани мушкилиҳои камбизоатӣ ҳамчунин ба беҳтар гардидани сифати зиндагонии бештар аз якуним миллион одамони минтақаҳои камбизоаттарини Тоҷикистон мусоидат намуд, ба афзоиши давомоти мактаббачаҳо ва беҳтар гардидани сифати хизматрасонии ёрии аввалаи тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои интихобшудаи Тоҷикистон кӯмак кард. Ҳамчунин мақомоти марказии ҳукумат дар бунёду тақвияти муассисаву корхонаҳои барои рушди дарозмӯҳлати мамлакат зарур дастгирӣ шуданд.

Алҳол Бонки Умумиҷаҳонӣ лоиҳаҳоро дастгирӣ намуда, фаъолияти ғайриқарзиро ба амал овард ва онҳо ба ислоҳоти сохторӣ, тараққиёти кишоварзӣ ва деҳот, инкишофи тандурустӣ, маориф, системаи ҳифзи иҷтимоӣ, энергетика, захираҳои об, барқарор сохтани инфрасохтор, идоракунӣ дар мавриди рӯй додани офатҳои табиӣ ва ғайра равона карда шудаанд.

**Стратегияи ҳозираи шарикӣ бо ҷумҳуриро,** ки ба мӯҳлати чаҳор сол, аз соли 2006 то соли 2009 пешбинӣ шудааст, Шӯрои Директорон 27 июли соли 2005 тасдиқ намуд.

Ҳадафи стратегияи мазкур ин муваффақ шудан ба натиҷаҳои мушаххас дар дастгирии ҳукумат оиди паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо роҳи мусоидат ба рушди иқтисодӣ ва тавассути бунёду фароҳамоварии имкониятҳои бештару васеътари иқтисодӣ, инкишофи сармояи нисбатан мукаммалтари инсонӣ аст. Чунончи, стратегияи мазкур ба анҷоми чунин корҳо равона карда шудааст:

- ***Зиёд кардани имкониятҳои соҳаи соҳибкории хусусӣ дар шаҳру деҳот*** тавассути тақвият додани бахши молиявӣ, кам кардани хароҷоти пеш бурдани тиҷорат, дастгирӣ намудани чорабиниҳое, ки ба беҳтаршавии дастрасии заминхои кишоварзӣ ва кам шудани ҳаҷми ситонидани пардохтҳои ғайрирасмии бахши пахтакорӣ нигаро-нида шудаанд.

- ***Устувор гардонидан ва нигоҳ доштани сифати сармояи инсонӣ.*** Бонки Умумиҷаҳонӣ ба такмили системаи тақсими маблағҳо дар соҳаи маориф ва тандурустӣ, фароҳам овардани шароитҳои раванди самарабахштари таълимӣ ва баланд бардоштани сатҳи давомоти талабаҳо дар синфҳои ибтидоӣ, васеътар кардани ҳаҷми истифодаи хизматрасонии ёрии аввалаи тиббию санитарӣ ва беҳтар гардонидани дастрасии оби нӯшокии безарар дар минтақаҳои интихобшудаи Тоҷикистон ёрдам мекунад.

- ***Инкишофи нерӯи гидроэнер-гетикии мамлакат.*** Бонки Умумиҷаҳонӣ ният дорад, ки ҷидду ҷаҳди оиди афзун намудани самарабах-шии кори бахши энергетикии ҷумҳуриро тавассути худха-роҷотбарорӣ дастгирӣ намояд ва ба Ҳукумат дар раванди ҷалб кардани маблағҳои хориҷӣ ба бахши гидроэнергетикии мамлакат кӯмак кунад.

Ҷиҳати дастгирии ҳадафҳои дар боло зикршуда Бонки Умумиҷаҳонӣ якҷоя бо Ҳукумат оиди афзоиши нерӯи институтсионалӣ ва самарабахшии фаъолият, ҳамчунин камтар кардани ҳаҷми коррупсия кор мекунад. Айни замон ба тадбирҳое диққати махсус дода мешавад, ки шаффофияти истифодаи маблағҳоро бештар мекунанд, тафтишҳои беҳад зиёди давлатиро камтар карда, ба иштироки истифодабарандаҳо дар фароҳам овардани хизматҳо ёрӣ мерасонанд.



Ҳаҷми тахминии маблағгузорӣ барои 4 сол тақрибан 148 миллион доллари ИМА – ро ташкил медиҳад. Соли молиявии 2006 100 фоиз лоиҳаҳо дар асоси грантӣ маблағгузорӣ шуданд.

Мӯҳлати Стратегияи ҳозираи шарикӣ бо мамлакат 30 июни соли 2009 ба анҷом мерасад (вақте, ки соли молиявии Бонки Умумиҷаҳонӣ ба охир наздик мешавад).

## II. Фаъолияти ғайриқарзӣ: *диққати махсус ба мубодилаи донишҳо, инкишофи*

***институтсионалӣ, мутобиқ гардонидани кӯмаки донорӣ ва дастгирӣ кардани ҷомеаи шаҳрвандӣ***

**А. Кор дар бобати таҳлили иқтисодӣ ва соҳавӣ, ҳамчунин муколама дар атрофи чорабиниҳои сиёсат**

Дар атрофи мавзӯи ***ислоҳоти чорабиниҳои иқтисодӣ ва сиёсати соҳавӣ*** муколама бо ҳукумат мунтазам ба амал меояд. Он дар асоси доимӣ ҳам тавассути ҳисоботҳои таҳлилӣ ва машваратие, ки Бонк пешниҳод кардааст, ва ҳам рисолатҳои Бонк, ки дар мамлакат мегузаранд, аз ҷумла ташрифҳои намояндагони ҳукумат ба Вашингтон ва ҳам аз ҷониби кормандони Намояндагии доимии бонк дар мамлакат ба амал меояд.

Бонки Умумиҷаҳонӣ ба Ҳукумат дар бобати муваффақ шудан ба ҳадафҳои Стратегияи дуюми паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар давраи солҳои 2007-2009 ёрӣ мерасонад, ки он дар нақшаҳои дарозмӯҳлати соҳаи рушди мамлакат асоснок гардида, дар Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2005-2015 инъикос ёфтааст.

Сониян, ба тартиби аҳамиятнокиашон барои рушди мамлакат афзалиятҳои асосии Стратегияи миллии рушд ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ оварда шудаанд, ки бояд рушди устувори иқтисодӣ ва комёбии ҳадафҳои рушди ҳазорсоларо таъмин кунанд:

1) ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ;

2) тараққиёти бахши хусусӣ ва ҷалб намудани маблағгузориҳо;

3) инкишофи неруи инсонӣ.

Бонки Умумиҷаҳонӣ дар рафти тайёр кардани Стратегияи миллии рушд тавассути баёни мулоҳизаву пешниҳодот оиди ҳуҷҷати мазкур ҳукуматро дастгирӣ намуд, ҳамчунин якҷоя бо Бонки Осиёгии Рушд ва Барномаи Рушди СММ аъзои Кумитаи мутобиқат буд, ки ба он сарвазир роҳбарӣ мекард. Президенти ҷумҳурӣ ин кумитаро бо мақсади тайёр ва иҷро намудани Стратегияи миллии рушд ва Стратегияи дуюми паст кардани сатҳи камбизоатӣ бунёд карда буд.

Аз лаҳзаи ба Бонки Умумиҷаҳонӣ дохил шудани Тоҷикистон мутахассисонаш як қатор ***ҳисоботҳои иқтисодиву соҳавие*** нашр намуданд, ки дар онҳо таҳлили вазъи ҷорӣ оварда шудааст. Инчунин ба ҳукумат дар бобати гузаронидани ислоҳоти иқтисодиву соҳавӣ дар асоси хулоса ва маълумоти васеи онҳо, таҷрибаи Бонк дар соҳаи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ тавсияҳо дода шудаанд.

Дар зер ҳисоботҳои таҳлилию машваратии ба наздикӣ кардашуда, ва таҳлилу машваратҳои минбаъда зикр ёфтаанд:

**Шарҳи системаи хароҷоти маблағҳои давлатӣ ва неруи институтсионалӣ (ШСХМДНИ)**, ки моҳи декабри соли 2005 омода шудааст, як навъ ҳисоботи нахустину мукаммали ташхисӣ оиди масалаҳои идоракунии буҷет мебошад, ки онро дар Тоҷикистон Бонки Умумиҷаҳонӣ таҳия намудааст. Дар он таҳлили тамоми системаи хароҷоти маблағҳои давлатӣ дар Тоҷикистон, ҳамчунин самтҳои умумии барномаи ислоҳсозӣ бо мақсади такмили раванди буҷетӣ ҳам дар сатҳи маҳаллӣ ва ҳам дар сатҳи марказӣ оварда шудааст. Инчунин афзалиятҳо муайян гашта, хароҷотҳо дар мувофиқат ба Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар пешомади кӯтоҳ, миёна, дарозмӯҳлат нишон дода шудаанд.

Иҷрои тавсияномаҳои ҳисоботи мазкур бо лоиҳаҳои ҷории Бонки Умумиҷаҳонӣ дар соҳаи дигаргунсозиҳои сохторӣ ва дигар лоиҳаҳои маблағгузорӣ дастгирӣ мешавад.

Моҳи декабри соли 2005 Бонк таҳияи **Ҳисобот дар бораи додани музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ ва кормандони соҳаи буҷетро** анҷом дод. Тадқиқоти мазкур як қатор чорабиниҳои муҳимеро муайян мекунад, ки ҳукумат бояд онҳоро ҳангоми кор карда баромадани стратегияи миёнамӯҳлати соҳаи додани музди меҳнати кормандони соҳаи буҷетӣ дида барояд. Дар он гуфта мешавад, ки ислоҳоти системаи додани музди меҳнатро мувофиқи қоида ва принсипҳое кор карда баромадан лозим аст, ки онҳо шаффофият, муносибати якхела ба хизматчиёни алоҳидаи давлатию кормандони соҳаи буҷетӣ, вобаста кардани сатҳи музди меҳнат ва дараҷаи мураккабию масъулияти кор, ҳамчунин истифодаи ба мақсад мувофиқи маблағҳои маҳдудро дар бар гиранд.

- **Атласи иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон** моҳи декабри соли 2005 дар натиҷаи ҳамкории солонаи байни донишгоҳи Саутгемптон ва Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр карда шуд. Таҳқиқоти мазкур, ки бо маблағи Бонки Умумиҷаҳонӣ ва Агентии Британияи Кабир гузаронида шуд, тақсимоти ҷуғрофии камбизоатӣ, инчунин дигар нишондиҳандаҳои некуаҳволии иҷтимоиву иқтисодии аҳолии сарзамини Тоҷикистонро намоиш медиҳад. Ба атлас маълумотҳои оиди як қатор нишондиҳандаҳои гуногуни некуаҳволии аҳолӣ, аз ҷумла соҳаи маориф, тандурустӣ, фаъолияти иқтисодӣ ва муҳити атроф дохил шудаанд. Атлас ҳамчунин аз он ҷиҳат нодир аст, ки дар он оиди камбағалии моддии сатҳи ҷамоатҳо маълумот оварда удааст.

- Моҳи июни соли 2005 Бонки Умумиҷаҳонӣ таҳияи **Ҳисобот дар бораи арзёбии иқлими маблағгузории** Тоҷикистонро анҷом дод. Дар ҳисобот шарҳи иқлими маблағгузорӣ дар контексти ҳосилнокии ширкатҳои хусусӣ, аз ҷумла монеаҳои роҳи амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва масъалаҳои институтсионалии бо иқлими маблағгузорӣ дар Тоҷикистон алоқаманд оварда шудааст. Илова бар ин, дар ҳисобот тавсифҳои умумии васеи иқтисодии ҷумҳурӣ, ҳамчунин тавсияҳои беҳтар намудани иқлими маблағгузории ҷумҳурӣ пешниҳод шудаанд.

Ғайр аз ин, моҳи июни соли 2005 Бонк **шарҳи ислоҳсозии корхонаҳои энергетикии Тоҷикистонро** тайёр намуд. Дар он диққати асосӣ ба таҳлили зербахшҳои таъминкунӣ бо қувваи барқ, газ ва гармидиҳии мутамарказ дода шуда, инчунин ҷанбаҳои дахлдори институтсионалӣ зикр ёфтаанд. Ҳисобот асоси чорабиниҳои минбаъдаи ҷалби инвеститсия, муколамаи оиди чорабиниҳои сиёсати бахш, инчунин самтҳои ҳамкории байни Бонки Умумиҷаҳонӣ, дигар донорҳои бисёртарафаю дутарафа, маблағгузарони хусусӣ ва Ҳукумати ҷумҳуриро дар соҳаи энергетика ифода мекунад.

- **Таҳқиқоти ташхисӣ дар соҳаи савдо,** ки охири соли 2005 таҳия шудааст, шароитҳои иқтисодии соҳаи савдо, монеаҳои ғайритарифӣ, масъалаҳои вуруд ба ҷумҳурӣ, ҳамчунин воридоту харочоти асъори хориҷиро дар Тоҷикистон тавзеҳ медиҳад. Дар он масъалаҳои сиёсати савдо, интиқоли наклиётии дохили ҷумҳурӣ, шароитҳои соҳибкории хусусӣ, гумрук, боркашонии аз

ҷумҳурӣ берун ва тартиботи раводид (иҷозатномагирӣ), инчунин ёрирасонӣ ба ҷалбкунии маблағгузориҳои мустақими хориҷӣ, дохилшавӣ ба СУС инъикос ёфтаанд. Ба ислоҳоти бахши пахтакорӣ, беҳтар намудани нишондиҳандаҳои кори бахши энергетикӣ ва алюминий диққати махсус дода шудааст. Дар таҳқиқот монеаҳои калони иқтисодии роҳи рушди соҳаҳои асосие таъкид гаштаанд, ки ба вазъи мураккаби сиёсиву иқтисодӣ алоқаманд буда, рушди иқтисодиро монеа мешаванд. Дар таҳқиқот бо мақсади ҳалли мушкилоти асосӣ силсилаи тавсияҳои пешомадҳои кӯтоҳу миёнамӯҳлат оварда шудаанд. Ҳисобот асоси таҳлилии дар атрофи чорабиниҳои сиёсати ин самтҳо гузаронидани муколамаро нишон медиҳад.

- **Ҳисобот оиди бахши авиатсияи Тоҷикистон,** ки таҳияаш ибтидои соли 2006 анҷом ёфт, сиёсати ҳозираи соҳаи авиатсия ва навъҳои ислоҳотро таҳлил менамояд. Ба ҷумҳурии мисли Тоҷикистон, ки ба баҳр баромад надорад, мавҷудияти роҳҳои вуруд аҳамияти калон дорад. Ба ин муносибат, гузариши тадриҷӣ ба сиёсати нисбатан кушод дар соҳаи авиатсияи гражданӣ барои ба иқтисодиёт ҷалб кардани маблағгузориҳои иловагӣ, вусъати туризм мусоидат мекунад. Дар ҳисобот навъҳои мухталифи ислоҳот бо мақсади беҳтар гардонидани вазъи корҳои соҳаи авиатсия ва диққати махсус додан ба афзоиши қобилияти рақобатнокии авиаинтиқолкунандагони миллӣ муҳокима мешаванд.



- **Стратегияи рушди бахши кишоварзӣ** моҳи маи соли 2006 таҳия шуда, тамоилҳои рушд ва нишондиҳандаҳои кори соҳаи кишоварзиро шарҳ медиҳад, барои муҳокимаи чорабиниҳои сиёсат ва дар зербахшҳои муҳими кишоварзӣ кор карда баромадани пешниҳодоти амалӣ асоси стратегӣ мебошад. Ҳадафи асосии кори мазкур чунин аст: таҳияи стратегияи пешқадами фаврӣ барои таъсиррасонии мусбат дар пешомади кӯтоҳ ва миёнамӯҳлат, афзоиши системаи ҳосилнокии соҳаи кишоварзӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар деҳот ва ривоҷ додани фаъолнокии бахши хусусӣ. Стратегияи рушди бахши кишоварзӣ натиҷаҳои кори оиди чорабиниҳои сиёсати бахши мазкурро барои дастгирии муколамаи мунтазами Бонки Умумиҷаҳонӣ нисбати тезонидани раванди азнавсозии сохтори хоҷагиҳои деҳқонӣ якҷоя мекунад. Ҳамчунин пешомадҳои минбаъдаи инкишофи бахш аз нуқтаи назари нерӯи баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва самаранокии кори бахши кишоварзӣ арзёбӣ мешаванд. Дар ҳисобот асосан ба зербахшҳои муҳимтарини кишоварзӣ: пахтакорӣ, чорводорӣ ва мевапарварӣ диққат дода шудааст.

- **Ҳисобот дар бораи пурзӯр намудани таъсири интиқоли маблағи муҳоҷирони меҳнатӣ ба рушди Тоҷикистон** моҳи июни соли 2006 таҳия шуда, ба фароҳам овардани маълумоти бештар оиди ҳаҷми интиқолҳои

маблағи муҳоҷирон, механизми интиқоли маблағ ва истифодаи онҳо нигаронида шуда буд. Дар ҳисобот нисбати чораҳои сиёсат бо мақсади пурзӯр намудани таъсири интиқоли маблағ ба рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурӣ пешниҳод шудаанд. Таҳлили раванди муҳоҷират ва интиқоли пулӣ ба пурсиши моҳи апрел ва майи соли 2005 гузаронидашудаи байни 1200 муҳоҷир асос ёфта, барои таҳқиқи ёрии муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ дар соли 2005 ба рушди иқтисодӣ анҷом дода шудааст. Дар он таҳлили роҳҳои мухталифи интиқоли маблағ, арзиш, суръат ва монеаҳои равон кардани маблағ бо роҳҳои расмӣ барои муҳоҷирони тоҷик оварда шудаанд.

- Ҳадафи **Таҳқиқоти ба наздикӣ гузаронидашудаи ҷиҳатҳои иҷтимоии фарқиятҳои минтақавӣ дар Тоҷикистон** муайян кардани таъсири тақсимоти захираҳо ба муттаҳидии иҷтимоии байни чаҳор вилояти ҷумҳурӣ, ҳамчунин фароҳам овардани тавсияномаҳои оиди муколама дар атрофи чораҳои сиёсати байни ҷонибҳои асосии иштирокчӣ барои кори минбаъдаи Бонк мебошад. Дастаи муҳаққиқон кӯшиш намуд то муносибати сохторҳои қавмию хешутаборӣ, ҳамчунин гурӯҳҳои этникию диниро ба раванди тақсимоти захираҳо ва қабули қарорҳо, таъсири ин омилҳои ҳалкунандаро ба имкониятҳои мавҷуда, дастрасии ин гурӯҳҳоро ба хизматҳои ҷамъиятӣ, инфрасохтор ва захираҳои табиӣ муайян кунад.

Моҳи ноябри соли 2006 Бонки Умумиҷаҳонӣ таҳияи **Ҳисобот дар бораи арзёбии нерӯи молиявию хариди бахши маорифро** анҷом дод. Ҳадафи арзёбӣ дида баромадани механизмҳои мавҷудаи идоракунии молиявӣ ва харид, ҳамчунин нерӯи дахлдори бахши маориф, омода сохтани ду нақшаи амали оиди зиёдкунии нерӯи институтсионалӣ буд. Нақшаи аввал бояд нерӯи Вазорати маорифро устувор мегардонид, то ин ки вазорат масъулияти иҷрои чорабиниҳоро дар доираи гранти дуюм пурра ба дӯши худ гирифта тавонад. Нақшаи дуюм ба вусъат додани нерӯи молиявию хариди муассисаҳои соҳаи хизматрасонӣ дар сатҳи вилоят, ноҳия ва ҷамоатҳо нигаронида шудааст.



- **Стратегияи рушди бахши хусусӣ,** ки моҳи марти соли 2007 анҷом меёбад, натиҷаи ҷидду ҷаҳди якҷояи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои мутобиқсозии донорҳо мебошад. Дар доираи марҳалаи аввал Шӯрои донорҳо ва Ҳукумат асоси консептуалии стратегияи рушди бахши хусусии ҷумҳуриро мутобиқ намуданд. Ба он муайян кардани афзалияти натанҳо унсурҳои мухталиф, балки амали мушаххас низ дар доираи ҳар як унсур дохил мешавад. Ҳамин тариқ, зарур аст, ки ин стратегия ба тартиби аҳамиятнокиашон аз чаҳор унсур иборат бошад: (а) кам кардани таваккалу номуайянӣ барои маблағгузорон ва соҳибкорони имконпазир; (б) бартараф намудани монеаҳое, ки воқеан воридшавии субъектҳои навро ба бозор мамоният мекунанд; (в) кам кардани хароҷот ба пеш бурдани тиҷорати хусусӣ

дар Тоҷикистон, кушодан ва қатъ намудани тиҷорати нав; (г) дастгирӣ кардани сармояи инсонии бахши хусусӣ бо мақсади ёрӣ расонидан ба рушди иқтисодӣ.

- Бонки Умумиҷаҳонӣ ҳамчунин нақша дорад, ки моҳи марти соли 2007 **бахши молиявии Тоҷикистонро арзёбӣ** кунад. Чунин шарҳҳоро Бонк аз соли 1999 инҷониб гузаронида, онҳо барои муайян кардани ҷонибҳои сусти системаҳои молиявии худ, самтҳои барои ислоҳот зарур ёрӣ мерасонанд. Барнома барои дидабароии бахши инкишофёбандаи молиявии ҷумҳурӣ нигаронида мешавад, то ин ки монеаҳои роҳи инкишофи системаи мукаммалтари ба нақши миёнарави байни унсурҳои истеҳсолкунандаи иқтисодиёт қобил муайян гарданд.

- **Шарҳи барномавии системаи хароҷотҳои давлатӣ (ШБСХД):** Бонки Умумиҷаҳонӣ бо мақсади таъмини самарабахшии бештари системаи идораи хароҷотҳои давлатӣ дар тамоми мамлакатҳои АБР мунтазам таҳқиқотҳо мегузаронад. Ба ин муносибат, гузаронидани шарҳи барномавии системаи хароҷотҳои давлатӣ пешниҳод мешавад, то ин ки оиди масъалаҳои сохтори институтсионалӣ, нерӯи афзудани самарабахшии системаи хароҷоти маблағҳои давлатӣ дар Тоҷикистон таҳлил ва пешбинӣ гарданд. Шарҳи пешниҳодшаванда диққати асосиро ба инҳо медиҳад: (а) тайёр кардани буҷет бо назардошти чорабиниҳои сиёсат ва барномаи миёнамӯҳлати буҷетӣ (БМБ); (б) ривоҷ додани имкониятҳои андозу буҷет барои баланд ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ; (в) гузаронидани таҳқиқот дар бобати назорати самаранокии бахши иҷтимоӣ ва хароҷоти давлатӣ; (г) арзёбии хароҷотҳои давлатӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ; аз ҷумла (д) муносибатҳои андозу буҷетии байниҳукуматӣ.

Маълумот дар бораи ҳисоботҳои пешинаи Бонки Умумиҷаҳонӣ оиди Тоҷикистон дар фасли "Publications and Reports" – и саҳифаи мо дар Интернет: www.worldbank.org\tj.

## Б. Вусъат додани нерӯи институтсионалӣ ва рушд дар сурати иштироки ташаббускоронаи аҳолӣ

Фаъолияти таълимӣ ва интишори донишҳо. **Муассисаву ташкилотҳои Бонки Умумиҷаҳонӣ** барои намояндагони ҳукумати Тоҷикистон, доираҳои академӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ оиди мубодилаи донишҳо, масъалаҳои дахлдори идораи самараноки давлатӣ, рушд дар сурати иштироки ташаббускоронаи гурӯҳҳои маҳаллӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ислоҳсозии сиёсати соҳаи иҷтимоӣ, тандурустӣ, кишоварзӣ, харид, молияи давлатӣ, сиёсати мубориза бо қонунигардонии даромадҳое, ки бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст омадаанд, ислоҳоти системаи нафақа ва ғайра мунтазам курсҳои таълимӣ гузаронида, чораҳо меандешанд.

Бонки Умумиҷаҳонӣ аз 1 то 3 феврали соли 2006 барои таҳиягарони асосии сиёсати давлатии Тоҷикистон оиди масъалаҳои пешсафии стратегӣ ба ҳангоми раванди ислоҳот семинари корӣ ташкил намуд. Семинар дар муассисаи муштараки ХБА ва Бонки Умумиҷаҳонӣ дар Вена гузаронида шуд. Мақсади асосии семинари мазкур иборат аз он буд, ки таҷрибаи байналмилалӣ ва намунаҳои беҳтарини амалияи мансабдорони олирутбаи Русия, Аврупои Шарқӣ ва Назди Балтика оиди масъалаҳои пешсафӣ дар раванди пешравии

ислоҳоти асосӣ ва тамоилҳои рушд - ба мутахассисони тоҷик изҳор карда шавад.

Ғайр аз ин, дар зер фаъолияти ҷорӣ дар чунин самтҳо мухтасар тавсиф ёфтаанд:

- **Хазинаи рушди институтсионалӣ (ХРИ)** се грантро барои Тоҷикистон тасдиқ намуд:

- **Гранти ХРИ барои тақвият додани нерӯи хадамоти давлатӣ** ба маблағи 210 000 доллари ИМА 13 сентябри соли 2004 имзо шуда, моҳи ноябри соли 2006 татбиқи он анҷом ёфт. Вай ба ҳукумати Тоҷикистон дар вусъат додани нерӯи институтсионалӣ ёрӣ расонида, пешравии хадамоти давлатии ҷумҳуриро тавассути фароҳамоварии машваратҳову таълим, инчунин дастгирии нерӯи институтсионалии Донишгоҳи такмили ихтисос, хизматчиёни давлатӣ, кор карда баромадан ва озмудани барномаҳои таълимӣ барои ҳайати роҳбарии хадамотҳои давлатии ҳама гуна сатҳҳо мадад расонд. Аз ҷумла дар бобати кор карда баромадан ва иҷрои сиёсати давлатӣ, идораи кадрҳо, давлат, ҳамчунин идораи гурӯҳҳои маҳаллӣ дар шароитҳои иқтисодиёти бозорӣ ёрдам кард.

- **Гранти ХРИ барои ислоҳот ва тақвият додани системаи харидҳои давлатӣ** ба маблағи 220 000 доллари ИМА 27 сентябри соли 2004 тасдиқ гардид. Мақсади он: ёрӣ расондан ба ҳукумат дар бобати ислоҳ кардан ва тақвият додани системаи харидҳои давлатӣ тавассути фароҳамоварии хизматҳои машваратӣ ба ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонуни соҳаи харид, устуворгардонии нерӯи Агентии давлатии харид ва дигар кӯмакҳои техникие, ки ба вусъатдиҳии нерӯи соҳаи харидҳои давлатӣ нигаронида шудаанд.

- **Гранти ХРИ барои рушди нерӯи соҳаи ҳисоботдиҳандагии бахши давлатӣ.** Грант ба маблағи 295 000 доллари ИМА, ки 10 ноябри соли 2004 тасдиқ шуда буд, ба қумитаи назорати давлатии молиявӣ дар инкишофи нерӯи худ ва гузариш ба иҷрои вазифаҳои мақомоти олии тафтишот, ки мувофиқи меъёрҳои мақбули умум амалияи байналмилалӣ фаъолият мекунад, ба раванди баланд бардоштани сатҳи ҳисоботдиҳии молиявӣ ба ҳангоми истифодаи маблағҳои давлатӣ бояд кӯмак мекард. Грант ҳамкории байни Кумитаи назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти олии боэътимоди тафтишотии яке аз мамлакатҳои Ғарбро таъмин намуд, ки мақсади он ба меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ кардани амалияи ин мақомот буд.

- Грант дар ҳаҷми 750 000 доллари ИМА барои татбиқи **Лоиҳаи оид ба нигоҳ доштани гуногунии ҳайвоноту нбототи парваришгоҳи Даштиҷум,** ки Хазинаи экологии куллӣ пешниҳод кардааст, моҳи августи соли 2004 тасдиқ шуда буд. Мақсади асосии лоиҳа интишори амалияи идораи самарабахши захираҳои табиӣ дар байни аҳолӣ мебошад. Айни замон, мақсади асосии лоиҳаи мазкур иборат аз он аст, ки гуногунии ҳайвоноту набототи парваришгоҳи Даштиҷум дар шароити муҳити табиии худ нигоҳ дошта шавад ва ин аҳамияти хеле калон дорад. Лоиҳа ба а) тақвияти нерӯи маҳаллӣ оиди ҳифзи гуногунии ҳайвоноту наботот ва захираҳои табиӣ; б) дастгирии чорабиниҳои миқёсан хурди фароҳам овардани шароитҳои доимӣ барои зиндагонии одамон; в) озмоиши идораи ҷамоатии хоҷагии ҷангал; г) зиёд кардани огоҳии аҳолӣ аз масъалаҳои ҳифзи табиат; ҳамчунин д) мусоидат кардан ба

иштироки гурӯҳҳои маҳаллӣ ва ТҒҲ дар раванди қабули қарорҳо ва кори ҳифзи табиат ёрӣ мерасонад. Лоиҳаро ташкилоти ғайриҳукуматии маҳаллӣ: Ассосиатсиаи илмию экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ноосфера" иҷро менамояд.

- 2 декабри соли 2005 **Кумитаи стратегии хазинаи катализ** дар доираи **Ташаббуси босуръати маориф барои ҳама** грантро дар ҳаҷми 9,2 миллион доллари ИМА барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006 тасдиқ намуд. Грант ба андешидани чораҳои фаврии пешгирӣ намудани таназзули минбаъдаи системаи маорифи умумии ҷумҳурӣ равона шудааст. Аниқтараш, грант ба иҷрои стратегияи миллии рушди маориф, ки моҳи ноябри соли 2006 аз ҷониби иттиҳодияи донорон тасдиқ шуда буд, ёрӣ мерасонад. Гранти мазкур самтҳои афзалиятдореро, ки дар стратегияи миллӣ муайян гаштаанд, аз ҷумла инфрасохтор, идора ва системаи иттилоотии соҳаи маорифро фаро мегирад.

Кумитаи стратегии хазинаи катализ вобаста ба татбиқи бомуваффақияти гранти мазкур дар ҳаҷми 9,2 миллион доллари ИМА ҷудо карда шудани гранти дуюмро дар доираи Ташаббуси босуръати маориф барои ҳама дида мебарояд. Қабули қарори қатъии нисбати ҷудо карда шудани гранти дуюм тирамоҳи соли 2007 дар назар дошта шудааст.

- Пешниҳоди лоиҳавии оиди **Гранти ёрирасонӣ ба имкониятҳои иҷтимоиву иқтисодии ҷавонон** дар ҳаҷми 2 миллион доллари ИМА барои маблағгузорӣ ба Хазинаи баъдитазодӣ пешниҳод шуда буд. Масъалаи тасдиқ гардидани он, ҷуноне ки дар назар дошта шудааст, моҳи апрели соли 2007 дида баромада мешавад. Мақсади лоиҳаи мазкур аз инҳо иборат аст: а) бештар дастрас кардани иттилоот ва инкишофи малакаҳои ҳаётии ҷавонон; б) ёрӣ расонидан ба соҳибкорӣ ва шуғли ҷавонон; в) устувор гардонидани нерӯи институтсионалии Кумитаи давлатии кор бо ҷавонон, туризм ва варзиш. Грант бояд ба гурӯҳи ҷавонон имконияти гирифтани таълим (бар иловаи маорифи расмии мактабӣ), ҳамчунин дастрасии иттилоот, ҳосил намудани малакаҳои муфид, ба даст овардани даромад, ривоҷи малакаҳои пешсафӣ ва иштирокро дар ҳаёти гурӯҳҳои худ таъмин намояд. Грант ба гурӯҳи ҷавонони нисбатан хавфноке равона карда мешавад, ки дар шимол (вилояти Суғд), шарқ (НТҶ) ва ҷануб (вилояти Хатлон) зиндагӣ мекунанд ва инҳо минтақаҳои камбизоаттарини ҷумҳурӣ бо тамаркузи баланди ҷавонони гурӯҳи хавфнок мебошанд. Пешбинӣ мешавад, ки лоиҳаро Кумитаи давлатии кор бо ҷавонон, туризм ва варзиш татбиқ менамояд.



### В. Ёрӣ расонидан ба мутобиқсозии кӯмаки хориҷӣ – Вохӯрии гурӯҳи машваратии донорҳо

Аз соли 1996 инҷониб Бонки Умумиҷаҳонӣ ба Ҳукумат дар ташкили чаҳор Вохӯрии гурӯҳи машваратии донорҳои Тоҷикистон, ки дар Токио, Париж ва Душанбе барпо гардидаанд, ёрӣ расонд.

Дар он донорҳо аз рӯи натиҷаҳои вохӯрии нахустин ба маблағи 185 миллион доллари ИМА ва дар вохӯрии сеюм, ки моҳи майи соли 2001 дар Токио барпо гардид, ба маблағи 430 миллион доллар ӯҳдадориҳои молиявӣ пешниҳод карданд. Дараҷаи иҷрои ӯҳдадориҳои молиявии донорҳо пешниҳодкарда на ҳама вақт ба як андоза қаноатбахш буд.



Вохӯрии чаҳоруми гурӯҳи машваратии донорҳо дар Душанбе 2 -3 майи соли 2003 гузашт. Дар он намояндагони 11 мамлакати донор ва 15 ташкилотҳое ҷамъ омадаанд, ки оиди масъалаҳои рушд кор мекарданд. Онҳо дар ҳаҷми 900 миллион доллари ИМА (ки 200 миллиони он дар шакли кӯмаки башардӯстона ваъда шуда буд) ба мӯҳлати се сол ӯҳдадориҳои молиявӣ пешниҳод намуданд. Қариб аз се ду ҳиссаи маблағи умумӣ дар шакли грант пешниҳод карда шуда буд. Иҷрои амалии ӯҳдадориҳои мазкур ба муайянкунии минбаъдаи афзалиятнокии маблағгузориҳо, татбиқи босамари онҳо ва натиҷабахшии сиёсати пешгирифтаи давлат, ислоҳоти соҳаи идоракунӣ вобаста буд. Бо мақсади ёрирасонӣ ба раванди мазкур, ҳамчунин ҳавасманд гардонидани донорҳою Ҳукумат оиди иҷрои ӯҳдадориҳои ба дӯши худ гирифтаашон байни Ҳукумату донорҳо бо дастгирии Бонки Умумиҷаҳонӣ ва дигар донорҳои дутарафа, аз ҷумла Британияи Кабир ва Швейтсария силсилаи машваратҳо барпо гардид. Мувофиқи баъзе ҳисобу китобҳо бештар аз 750 миллион доллари ИМА аз маблағи умумии ӯҳдадориҳои соли 2003 гирифтаи донорҳо аслан пардохта шуд. 281 миллион ё 37 фоизи ин маблағ дар доираи иқтибосҳои хориҷӣ ва грантҳои барномаи маблағгузориҳои давлатӣ аз худ карда шуда буд.

Вохӯрии навбатии гурӯҳи машваратии донорҳо дар моҳи июни соли 2007 пешбинӣ шудааст.

## Г. Дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ

**Барномаи грантҳои хурди** Бонки Умумиҷаҳонӣ, ки иҷрои онҳоро Намояндагии доимии Бонк дар Тоҷикистон соли 2002 сар кард, бо мақсади ёрирасонӣ ба муколама ва дида баромадани иттилооти оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, ҳамчунин тақвият додани шарикӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ барпо шуда буд. Ҳадафи Барнома фаъол гардонидани мавқеъҳои шаҳрвандии гурӯҳҳои маргиналию камбизоати аҳолӣ ва ба онҳо додани ҳуқуқи овоз дар раванди рушди иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад. То ин лаҳза ТҒҲ дар доираи барномаи мазкур барои татбиқи як қатор барномаҳое, ки ба фаъол гардонидани мавқеъҳои шаҳрвандии табақаҳои аз ҳама маргиналию камбизоати аҳолӣ нигаронида шудаанд, ба маблағи умумии 156 ҳазор доллари ИМА грантҳо гирифтанд.

Моҳи августи соли 2006 Бонки Умумиҷаҳонӣ якҷоя бо донорҳои дигар барпо намудани **Лагери тобистонаи ҷавонони Осиёи Марказиро дар мавзӯи "Иштироки ҷавонон дар рушди ҷумҳурӣ ва минтақаҳои худ"** дастгирӣ кард ва он дар шифохонаи кӯҳии "Той Самол" – и Ҷумҳурии Қазоқистон гузаронида шуд. Дар лагери ҷавонон бештар аз 120 намояндаи

созмонҳои ҷавонони Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон, ҳамчунин намояндаҳои мақомоти ҳукуматии оиди кор бо ҷавонон аз панҷ ҷумҳурӣ, мутахассисони Русия, Туркия ва Македония иштирок намуданд. Лагери тобистонаи ҷавонон аз ҷониби "Ассосиатсияи пешвоёни ҷавони Қазоқистон" бо дастгирии Бонки Умумиҷаҳонӣ, Хазинаи қазоқистонии Евразия, Хазинаи тоҷикистонии Сорос, Барномаи рушди СММ ва ЮНИСЕФ дар Ӯзбекистон, ҳамчунин ЮСАИД дар Туркманистон ташкил шуда буд. Ба ҷавонон фароҳам овардани имкониятҳои мубодилаи афкор ва муҳокимаи роҳу воситаҳои иштироки ҷавонон дар раванди рушду қабули қарорҳо бо мақсади ноилшавӣ ба ҳадафҳои рушди ҳазорсола дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ҳадафи асосии лагер буд.

## III. Фаъолияти кредитӣ: диққати асосӣ ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ, инкишофи захираҳои инсонӣ, идораи самараноки давлатӣ ва бардавомии иқтисодӣ

### A. Лоиҳаҳои анҷомёфта (15)

Аз соли 1996 сар карда, Бонки Умумиҷаҳонӣ татбиқи 15 лоиҳа ва се кредити иловагиро ба анҷом расонид, ки онҳо ба Ҳукумат дар бобати бартараф намудани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва таназзули умумии иқтисодӣ кӯмак карданд.

Ин лоиҳаҳо дар зер мухтасар тавсиф ёфтаанд:

> **Кредит барои баркарор намудани кишоварзӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ** ба маблағи 50 миллион доллари ИМА, ки моҳи майи соли 1997 анҷом ёфт, ба Ҳукумат бо мақсади маблағгузории буҷети давлатӣ ва диққати махсус додан ба шабакаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод шуда буд.

> **Кредит барои барқароршавии баъдиҷангӣ** ба маблағи 10 миллион доллари ИМА моҳи январи соли 1998 анҷом ёфта, ба буҷети давлатӣ барои дастгирии Ҳукумат дар пешбарии раванди сулҳҷӯёнаи ҷумҳурӣ равона карда шуд.



> **Кредити кӯмаки фавқулодда барои барқароршавии баъдиҷангӣ** ба маблағи 10 миллион доллари ИМА 31 январи соли 2001 анҷом ёфта буд. Лоиҳаи мазкур ба мақсади асосии худ: дастгирӣ намудани равандҳои барқарорсозӣ пас аз низоъҳои шаҳрвандӣ расид. Вай дар Ҳукумат дар бобати барқарор кардани инфрасохтори табиӣ ва корхонаву иншоотҳои муҳими иқтисодии минтақаҳое, ки аз амалиётҳои ҷангӣ зарар диданд (алалхусус дар водии Қаротегин) ёрӣ расонид.

> **Кредит барои дигаргунсозиҳои сохторӣ (КДС – 1)** ба маблағи 50 миллион доллари ИМА моҳи декабри соли 2000 пӯшида шуд. Кредити мазкур барои татбиқи чорабиниҳои оиди такмили сиёсати иқтисодии давлат ва диққати асосӣ додан ба масъалаҳои хусусигардонӣ, ислоҳоти бахши бонкӣ, ҳамчунин дастгирии системаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷудо шуда буд.

Ба замми кредити мазкур дар ҳаҷми 5 миллион доллари ИМА КДС – 1 –и иловагӣ барои безарар гардонидани оқибатҳои манфии бӯҳрони дар Русия сарзадаи иқтисодӣ ҷудо шуда буд. Кредити иловагии мазкур моҳи ноябри соли 2000 якҷоя бо транши сеюми КДС-1 ба ҳаҷми пуррааш дода шуд.

> **Кредити дуюм барои дигаргунсозиҳои сохторӣ (КДС – 2)** дар ҳаҷми 50 миллион доллари ИМА, ки 30 июни с. 2004 пӯшида шуд, бо ду транш пардохт гардид. Мақсади асоси КДС – 2 чунин буд: дастгирии татбиқи унсурҳои асосии Стратегияи Ҳукумат доир ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ, диққати махсус додан ба идораи бахши давлатӣ, системаи хизматрасонӣ, ба-нақшагирӣ ва иҷрои буҷет, идоракунӣ ва инкишофи бахши молия, хусусигардонӣ ва ислоҳсозии корхонаҳою инфрасохторҳо.

> **Лоиҳаи ёрии техникӣ барои асосгузории институтсионалӣ** дар ҳаҷми 5 миллион доллари ИМА 31 декабри соли 2000 анҷом ёфта, мақсади асосиаш ба Кумитаи моликияти давлатӣ, Вазорати кишоварзӣ, ҳамчунин ба бахши молиявии ҷумҳурӣ дар раванди инкишофи нерӯи умумии онҳо ва дар сурати шароитҳои тағйирёбандаи иқтисодӣ ёрии техникӣ расонидан буд.

> **Кредити ёрии фавқулодда оиди барҳам додани оқибатҳои обхезӣ (КЁФБОО)** дар ҳаҷми 5 миллион доллари ИМА, ҳамчунин **КЁФБОО-и иловагӣ,** ки 31 декабри соли 2001 анҷом ёфтанд, ба Ҳукумат дар пешгирии оқибатҳои офатҳои табиии дар ҷумҳурӣ моҳҳои апрел ва майи соли 1998 рухдода, ҳамчунин офатҳои табиии моҳҳои май ва июни соли 1999 (боришоти зиёди барфу боронҳои сел, ки сабабгори обхезӣ, ярҷ ва ғайра шуданд) ёрӣ расониданд. Лоиҳа барои дар минтақаҳои аз обхезӣ зарардида барқарор намудани инфрасохтор (асосан роҳу кӯпрукҳо) равона шуда буд.

> **Лоиҳаи озмоишии оид ба кам кардани мушкилоти камбизоатӣ** дар ҳаҷми 12 миллион доллари ИМА 30 июни соли 2002 анҷом ёфта буд. Лоиҳа тавассути Хазинаи миллии иҷтимоии инвеститсионии Тоҷикистон иҷро гардида, дар амалигардонии маҷмӯи тадбирҳое, ки аз 184 лоиҳаҳои хурд, ҳамчунин бунёди ташкилотҳои гурӯҳҳои маҳаллӣ, ба мисли ассосиатсиаи истифода-барандагони об ва ташкилоти ғайриҳукуматии қарздиҳии хурд (ба зиёда аз 3000 мизоҷи фаъол хизмат расонида мешавад) иборат буд, ба муваффақиятҳои калон ноил гашт. Лоиҳа ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии зиёда аз якуним миллион одам ёрӣ расонида, барои афзудани бенефисиарҳои он имкониятҳо фароҳам овард.

> **Кредити таълимию инноватсионии оиди ислоҳоти системаи маориф** дар ҳаҷми 5 миллион доллари ИМА 30 сентябри соли 2003 анҷом ёфта, барои оғози як қатор ташаббусҳои нав дар системаи маорифи Тоҷикистон ибтидо гузошт. Дар натиҷаи лоиҳаи мазкур 20 мактаби озмоишии шаҳри Душанбе ва ноҳияи Рӯдакӣ (Ленин) таъмир ва таҷҳизонида шуданд, зиёда аз 900 муаллимон мувофиқи дастурҳои нави дарсдиҳӣ таълим гирифтанд, ҳамчунин дар саросаи ҷумҳурӣ 18 номгӯи китобҳои дарсии нав нашр ва тақсим карда шуданд. Дар ҳамаи 20 мактаби озмоишӣ ба сифати механизми рушди ҷомеавӣ Ассосиатсияи падару модарон ва муаллимон барпо шуда буданд.

> **Лоиҳаи дуюми ёрии техникӣ барои асосгузории институтсионалӣ** ба маблағи 6,7 миллион доллари ИМА 25 июни соли 2005 анҷом ёфт. Мақсади он дар кори ислоҳоти системаи идораи давлатӣ, такмили системаи идораи буҷетӣ, хусусигардонии корхонаҳои миёнаву калон, инкишофи бахши хусусӣ, барпо намудан ва ривоҷ додани нерӯи институтсионалии ҷумҳурӣ буд. Дар доираи лоиҳа ба ислоҳоти системаи идораи буҷетӣ ва хусусигардонии корхонаҳои миёнаву калон ёрӣ расонида шуд, нисбати комёбшавии ҳадафҳои лоиҳаи соҳаи рушд пешравии мӯътадил ба даст омад. Ғайр аз ин, дар натиҷаи лоиҳа баъзе монеаҳои маъмурӣ бартараф карда шуданд.



> **Лоиҳаи оиди ислоҳоти системаи ёрии аввалаи тиббию санитарӣ** ба маблағи 5,4 миллион доллари ИМА 31 марти соли 2005 анҷом ёфт. Ҳадафи лоиҳа санҷиш ва тасдиқи навъҳои хизматрасонӣ дар асоси системаи ёрии аввалаи тиббию санитарӣ, ҳамчунин тақсими сарикасии маблағ бо мақсади баланд бардоштани сифати хизмати тиббӣ дар Тоҷикистон буд. Дар доираи лоиҳа нақшаи рушди системаи тандурустӣ ва такмили хизматрасонии тиббӣ дар ду ноҳияи озмоишӣ: Варзоб ва Данғара тайёр ва татбиқ карда шуд. Дар натиҷаи лоиҳа дастрасии анвои хизматҳои бо кафолати тиббӣ ба табақаҳои камбизоати аҳолӣ беҳтар гардонида шуд.

> **Лоиҳа дар бораи дастгирӣ кардани хусусигардонии хоҷагиҳои деҳқонӣ,** ки 30 ноябри соли 2005 дар ҳаҷми 20 миллион доллари ИМА анҷом ёфта буд, чунин мақсадҳо дошт: кор карда баромадани сохту тартиби институтсионалие, ки таҳвили одилонаю баробарҳуқуқонаи заминро ба деҳқонон таъмин мекунад, ҳамчунин бунёди хоҷагиҳои хусусии оилавии мустаҳкам ва шароитҳои мусоид барои фаъолияти мустақилонаи онҳо. Дар Тоҷикистон бори нахуст бо кӯмаки Бонки Умумиҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи мазкур хусусигардонии хоҷагиҳо гузаронида шуд. Айни замон 10 хоҷагии пахтакорӣ хусусӣ гардонида шуда, 5900 гектар қитъаи замин дар байни деҳқонони минтақаҳои лоиҳа фарогирифта тақсим шуданд. Муҳимаш он аст, ки дар доираи лоиҳа тартиби шаффофу одилонаи хусусигардонии хоҷагиҳои деҳқонӣ ба роҳ монда шуд, ки ба ҳамаи ҷонибҳои иштирокчӣ қобили қабул буд ва он барои васеъ намудани ҳаҷму миқёси хусусигардонии сарзаминҳои кишоварзии тамоми сарзамини ҷумҳурӣ чун асос хизмат мекунад.

> **Лоиҳаи дуюм оид ба кам кардани мушкилоти камбизоатӣ** ба маблағи 13,8 миллион доллари ИМА 31 декабри соли 2006 анҷом ёфт. Мақсади лоиҳа истифода ва афзун намудани таҷрибаи Лоиҳаи санҷишии оид оид ба кам кардани мушкилоти камбизоатӣ (ЛСККМК) ва минбаъд беҳтар намудани сифати зиндагии табақаҳои камбизоат-тарини аҳолӣ тавассути иҷрои лоиҳаҳои хурд, ва чорабиниҳои фаъол гардонидани гурӯҳҳои маҳаллӣ дар минтақаҳои татбиқи лоиҳа буд. Аз рӯи натиҷаҳои

иҷрои лоиҳа тафтишотии техникӣ гузаронида шуд. Он сифати корҳо ва дигар ҷанбаҳои инкишофи гурӯҳҳои маҳаллиро арзёбӣ намуд. Натиҷаҳои тафтишот аксаран мусбат бароmаданд. Тақрибан 300 лоиҳаҳои хурде, ки ба табақаҳои камбизоаттарини ҷамъият нигаронида шуда буданд, иҷро гардиданд. Дар натиҷа онҳоро бо як қатор хизматҳои муҳим, мисли оби тоза, қувваи барқ, ҳамчунин беҳтар намудани дастрасии хизмати тиббӣ ва маориф таъмин карда тавонистан муяссар гардид.

> **Лоиҳаи оид ба кам кардани хавфи рахнашавии кӯли Сарез** ба маблағи 4,3 миллион доллари ИМА, ки 0,47 миллионаш аз ҷониби АБР ҷудо шуда буд, 31 декабри соли 2006 анҷом ёфт. Мақсади лоиҳа иборат аз огоҳонидан ва таъмин намудани омодагии гурӯҳҳои камбизоат дар мавриди рух додани фалокатҳо аз рахнашавии кӯли Сарез ва дигар офатҳои табиии мунтазам буд. Тамоми чорабиниҳо дар доираи лоиҳаи мазкур то таърихи пӯшидашавии он ба анҷом расиданд. Кор бо гурӯҳҳои маҳаллӣ, ки дар доираи гранти Хазинаи ҷопонии рушди иҷтимоӣ гузаронида шуд, ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоии гурӯҳҳои маҳаллӣ саҳми арзанда гузошт. Системаи огоҳонии бармаҳал татбиқ гардида, ҳоло ҳам бомуваффақият амал мекунад. Шӯъбаи Усой бо мақсади таъмини амали доимии системаи огоҳонии бармаҳал нақшаи истифода ва кори онро омода сохт.

> **Грант барои тайёр кардани чорабиниҳои сиёсати иқтисодӣ** дар ҳаҷми 10 миллион доллари ИМА 25 августи соли 2006 пардохта шуд. Грант бо як транш пардохта шуда, ба дастгирии рушди иқтисодӣ ва такмили хизматрасони давлатӣ равона гардид. Чорабиниҳои асосии сиёсат дар доираи лоиҳа аз инҳо иборат буд: а) такмил додани иқлими инвеститсионӣ тавассути ислоҳоти институтсионалӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ; б) баланд бардоштани ҳосилнокии корхонаҳои истеҳсолӣ ва агросаноатӣ; в) зиёд кардани самаранокии бахши энергетикӣ; г) такмилдиҳӣ дар бахшҳои савдо ва нақлиёт.

## Б. Лоиҳаҳо дар марҳалаи иҷрошавӣ (13)

> **Лоиҳаи оид ба барқарор намудани инфрасохтори деҳот (Кредити 33870)**
*Маблағ: 20 миллион доллари ИМА*
*Таърихи эътибор пайдо кардан: 14 декабри соли 2000*
*Таърихи анҷом ёфтан: 31 августи соли 2007*

Мақсади лоиҳа аз баланд бардоштани сатҳи ҳосилнокии кишоварзӣ тавассути беҳтар намудани дастрасии обҳои ирригатсионӣ, ҳамчунин шоридани оби захбурҳо дар хоҷагиҳои интихобшудаи намоишӣ, беҳтар кардани вазъи саломатии ҷомеа ва сифати зиндагӣ дар деҳот дар ноҳияҳои санҷишӣ тавассути баланд бардоштани сифати таъминкунӣ бо қувваи барқ ва об, тақвият додани корхонаю муассисаҳо, афзун намудани пойдории хизмати обёрӣ ва энергетика, вусъат додани имкониятҳои бо кор таъминкунӣ дар деҳот тавассути ҳавасмандгардонии корҳои сохтмонии ҷомеавӣ иборат мебошад.

Мақсади лоиҳа бо роҳи иҷрои қисматҳои зерине иҷро мегардад, ки бо додани хоҷагӣ ба дасти деҳқонон тавассути Лоиҳаи оид

ба дастгирии хусусигардонии хоҷагиҳои деҳқонӣ алоқамананд:

- Барқарор намудани системаҳои обёрӣ ва заҳбурҳо берун аз ҳудуди хоҷагиҳо, беҳтар намудани кори система ва баланд бардоштани дараҷаи обтаъминкунӣ, ки ба зиёд кардани ҳосилнокӣ имконият медиҳад;
- Гузаронидани таҷрибаҳо бо мақсади беҳтар намудани сифат ва эътимоднокии системаҳои таъминкунӣ бо қувваи барқ ва об дар деҳот;
- Тақвият додани имкониятҳои институтсионалӣ дар соҳаи обёрӣ ва таъминкунӣ бо об ва қувваи барқи маҳаллӣ.

***Рафти ноилшавӣ ба ҳадафҳои лоиҳа дар соҳаи рушд:*** Ҳадафҳои лоиҳа дар соҳаи рушд аксаран иҷро мегарданд. Системаҳои аввалаи обёрӣ, ки 10 хоҷагии озмоишӣ, аз ҷумла системаи заҳбурҳоро дар масоҳати қариб 130 000 га бо об таъмин мекарданд, барқарор карда шуданд. Ғайр аз ин, ҳосилнокии зироат дар ин заминҳо, асосан ба туфайли бо об таъминкунии бо-эътимодтар ва интихоби нисбатан васеътари зироатҳои хушсифат афзуд.
Вазифаи қабули қонунгузории мукаммалтаре, ки кори ассосиатсияи истифодабарандагони обро ба танзим медароварда бошад, ҳанӯз ҳам боқӣ мемонад, вале қонунгузорӣ дар ин соҳа аллакай тайёр буда, дар доираи кор карда баромадани қонун дар бораи захираҳои об муҳокима шуда истодааст. Бо вуҷуди ин, ассосиатсияи истифодабарандагони об аллакай бомуваффақият бо тақсими об ва принсипи пардохти истифодаи об машғул аст. Ҳамин тариқ, ҷамъоварии маблағи истифодаи об то 90 фоизро ташкил медиҳад. Дар шаҳру деҳоти лоиҳа фарогирифта Ташкилотҳои обҳои деҳот барпо гардида, системаҳои бо об таъминкунӣ барқарор шудаанд.

**> Лоиҳаи хоҷагии ҷамъиятии кишоварзӣ ва идораи обтақсимкунакҳо (Кредити 39280)**

*Маблағ: 15,3 миллион доллари ИМА*
*(5 миллион қарзи АБР,*
*5,8 миллион гранти АБР, ҳамчунин*
*4,5 миллион гранти ХЭК)*
*Таърихи эътибор пайдо кардан:*
*25 ноябри соли 2004*
*Таърихи анҷом ёфтан:*
*30 апрели соли 2001*

Лоиҳа аз ҷониби АБР ва хазинаи экологии куллӣ (ХЭК) маблағгузорӣ шуда, ба кӯмак кардан ба иттиҳодияҳои деҳотии обтақсимкунакҳои Сурхоб, Зарафшон ва Тоҳирсу дар бобати баланд бардоштани ҳосилнокии кишоварзию сатҳи иқтисодиёти деҳот, ва айни замон мамониат кардан ба таназзули заминҳои ноустувор нигаронида шудааст. Системаҳои экологии кӯҳии дорои аҳамияти калон тавассути татбиқи амалияи истифодаи мунтазами замин ва нигоҳ доштани гуногунии ҳайвоноту наботот, ки бо тараққиёти кишоварзӣ ва инвеститсияҳои деҳот алоқамананданд, дар доираи лоиҳа ҳифз мешаванд. Муносибати мазкур як навъест барои тақлидкорӣ дар минтақаҳои муқоисашавандаи ҷумҳурӣ.

Лоиҳа дар чунин лаҳзаҳо кӯмак мерасонад:

- *Дар вақти татбиқи идораи босуботи захираҳои табиӣ* дар байни аҳолии деҳаҳои кӯҳистон бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳо, ва айни замон мубориза бурдан бо мушкилоти эрозияи замин, ки ба истифодаи нодурусти замин вобаста аст.
- *Дар вақти инкишоф ёфтани нерӯи аҳолии маҳаллӣ* ва ёрӣ

расонидан ба онҳо дар мавриди муайян ва иҷро кардани фаъолият аз рӯи лоиҳа.

- *Дар вақти дастгирии рушди нерӯи ҳукумат* оиди пешниҳоди ёрии техникӣ ба гурӯҳҳои маҳаллӣ ва рушд додани нақши онҳо ба сифати қувваи мутаҳаррики ташаббускориҳои маҳаллӣ.

***Рафти ноилшавӣ ба ҳадафҳои лоиҳа дар соҳаи рушд:*** Азхудкунии маблағҳои лоиҳа аз нақшаи лоиҳа андаке қафо мемонад. Барои кор дар ҳар як обтақсимкунак ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ киро карда шуда буданд. Бо мақсади баланд бардоштани боварии иттиҳодияҳои обтақсимкунакҳои Сурхоб, Ванҷ ва Зарафшон ба онҳо инвеститсия ҷудо шуда буд. Дар ҳудуди минтақаҳои фарогирифтаи лоиҳа дар сатҳи ҷамоат 29 кумитаҳои рушд ташкил ёфта, ҳоло онҳо таълим гирифта истодаанд. Дар қитъаҳои ҳар як обтақсимкунак технологияҳои мукаммалтарини кишоварзӣ намоиш дода мешаванд.



**> Лоиҳаи оиди бақайдгирии замин ва системаи кадастр барои кишоварзии устувор (Гранти АБР H1570)**

*Маблаг: 10 миллион доллари ИМА*
*Таърихи эътибор пайдо кардан: 11 октябри соли 2005*
*Таърихи анҷом ёфтан: 20 июни соли 2011*

Мақсади лоиҳа рушд додани имкониятҳои хусусигардонии хоҷагии деҳқонӣ аст, то ин ки шумораи бештари аҳолии деҳот деҳқонони мустақил шаванд. Ҷавобан ба шароитҳои илқокунандаи бозор тавассути пешниҳоди сертификатҳои кафолатноки ба онҳо додашудаи оиди ҳуқуқи истифодаи замин, ки бо назардошти принсипҳои шаффофияту адолат тақсим гардидаанд, қарорҳои маъмурӣ қабул кунанд.

Лоиҳа ба воситаи Маркази идоракунии лоиҳа дар Душанбе ва ҳамкории зич бо Кумитаи давлатии замин, Вазорати кишоварзӣ ба амал бароварда мешавад. Лоиҳа чаҳор қисмати асосӣ дорад:

- *Қисмати хусусигардонии хоҷагӣ ва бақайдгирии замин*, ки дар доираи он хусусигардонӣ ва бақайдгирии заминҳои кишоварзӣ дар ҳудуди системаи бақайдгирии ҳуқуқи истифодаи замин дар қитъаҳои мушаххас гузаронида мешавад;
- *Қисмати бохабар кардани деҳқонон ва дастгирии ирригатсионӣ,* ки рушд додани ҳадамоти ахборот ва машваратдиҳиро ба деҳқонон, ёрирасонӣ дар масъалаҳои обёрӣ ва идораи захираҳои обӣ, ҳамчунин системаи якҷояи мубориза бо ҳашароти зараррасони кишоварзиро дар бар мегирад;
- *Қисмати ёрирасонӣ дар иҷрои лоиҳа* ба маблағгузории фаъолияти Маркази иҷрои лоиҳа (МИЛ) нигаронида шудааст;
- *Дастгирӣ дар соҳаи сиёсати давлатӣ* ҳангоми кор карда баромадани масъалаҳои сиёсати миллие, ки ба вусъату рушди ҳаҷмҳои хусусигардонии хоҷагиҳои деҳқонӣ вобастаанд. Қисмати мазкур имконият медиҳад, ки

шумораи бештари хоҷагиҳои деҳқонӣ ба воситаи лоиҳаи минбаъда хусусӣ гардонида шаванд, ва ин дар навбати худ ба деҳқони мустақил табдил ёфтани қисми зиёди аҳолии деҳот имконият медиҳад.

***Рафти ноилшавӣ ба ҳадафҳои лоиҳа дар соҳаи рушд:*** Бо сабаби баъзе таъхирҳо иҷрои куллии лоиҳа дар маҳалҳо то нимаи дуюми с.2007 оғоз ёфта наметавонад. Чунки лоиҳаро бояд Шӯрои директорони Бонки Умумиҷаҳонӣ тасдиқ намояд. Ва ҳукумат то эътибор пайдо кардани он бояд дар назди Кумитаи давлатии заминсозӣ маркази нави амалигардонии лоиҳаро ташкил кунад. Бо вуҷуди ин сохту тартиби нави иҷрои лоиҳа аз ҷониби маркази назди Кумитаи давлатии заминсозӣ масъулияти онро барои лоиҳа тақвият дода, ба кори худи кумита якҷоя шудани фаъолияти лоиҳаро таъмин месозад.

Намоишдиҳии нахустини тухмии мукаммали пахта хеле муваффақиятнок баромаданд ва яқинан ба афзудани ҳосилнокӣ мадад мерасонанд. Ҳамчунин дар доираи лоиҳа қарзҳои хоҷагиҳои пахтакор чун самти асосии қисмати лоиҳа оиди дастгирии сиёсати давлат таҳлил карда мешаванд.

**> Лоиҳаи оид ба идораи захираҳои оби водии Фарғона (Гранти АБР H1790)**

*Маблаг: 13 миллион доллари ИМА*
*Таърихи эътибор пайдо кардан: 19 январи соли 2006*
*Таърихи анҷом ёфтан: 31 майи соли 2011*

Лоиҳа вилояти Суғд, шимоли Тоҷикистон - қисми шарқтарини водии сермиллати Фарғонаро фаро гирифта, ба барқарорсозии системаҳои обёрию дренажи минтақаи мазкур нигаронида шудааст. Ин дар навбати худ ба афзудани ҳосилнокии хоҷагиҳои кишоварзии обёришаванда ва баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолии деҳот имконият медиҳад. Дар баробари ин ба таҷдиди бехатарӣ ва ба роҳ мондани кори босамари сарбанду обанбори Қайроққум кӯмак мекунад, ва ба ҳамин тариқ на фақат ба Тоҷикистон, балки ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ манфиат меорад.

Лоиҳа аз чаҳор қисмат иборат аст. Қисмати аввал корҳои оид ба барқарорсозии системаи обёрӣ ба воситаи насос ва худ ба худ ҷоришавии об, ҳамчунин системаи дренажро, ки дар ноҳияҳои Конибодом ва Бобоҷон Ғафуров қариб 30 000 га заминро обёрӣ мекунад, бо маблағ таъмин менамояд. Дар доираи қисмати дуюм корҳои алоқаманд ба барқарорсозии бандҳои обанбори Қайроққум, ноҳияҳои Конибодом ва Бобоҷон Ғафуров, ҳамчунин таҳқиқотҳои техникӣ, харидории таҷҳизот барои кофтани чуқурҳо, ва ғайра корҳои начандон мураккаб маблағгузорӣ мешаванд, ки ҳадаф аз онҳо ривоҷ додани имкониятҳои амалкунӣ ва раванди идораи захираҳои обии Қайроққум мебошад. Дар доираи қисмати сеюм рушди нерӯи институтсионалии оиди бунёди Ассосиатсияи истифодабарандагони об маблағгузорӣ мешавад, ки мақсади он баланд бардоштани ҳосилнокии соҳаи кишоварзӣ, истифодаи боз ҳам самарабахштари захираҳои об, ҳамчунин кам кардани таъсири экологии иншоотҳои мазкур аст. Дар доираи қисмати чорум маблағгузории дастгирӣ кардани Маркази асосии идораи лоиҳа ва маркази минтақавии ичрои лоиҳа пешбинӣ шудааст.

**Рафти ноилшавӣ ба ҳадафҳои лоиҳа дар соҳаи рушд:** Лоиҳа охири моҳи январ эътибор пайдо кард. Аз ин рӯ рафти иҷрои онро арзёбӣ намудан ҳанӯз барвақт аст.

**> Лоиҳаи тандурустии ҷамоавӣ ва асосӣ (Гранти АБР Н1950)**

*Маблағ: 10 миллион доллари ИМА*
*Таърихи эътибор пайдо кардан:*
*18 апрели соли 2006*
*Таърихи анҷом ёфтан:*
*8 феврали соли 2010*

Ҳадафи лоиҳа иборат аст аз зиёд кардани дастрасӣ, истифодабарӣ ва дараҷаи қаноатмандии аҳолӣ аз хизматҳои тандурустӣ дар минтақаҳое, ки лоиҳа фаро гирифтааст, ҳамчунин афзун намудани нерӯ ва танзими кори босамар дар сатҳи миллӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ бо иҷрои навъҳои хизматҳои асосии бокафолат ва татбиқи ислоҳоти системаи молиявии ҳадамоти ибтидоии тиббию санитарӣ.

Қисматҳои асосии лоиҳа инҳоро дар бар мегирад:

- Тақвият додани чорабиниҳои сиёсат, банақшагирӣ ва мутобиқсозии ёрии донорӣ дар дохили Вазорати тандурустӣ;
- Иҷро кардани ислоҳоти ташкилию молиявӣ дар бахши тандурустӣ;
- Тақвият додани хадамоти ибтидоии тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои интихобшуда; ва ҳамчунин
- Қисмат оид ба иҷрои лоиҳа.



Ҳадафҳои асосии лоиҳа иборатанд аз: кам кардани фоизи хоҷагиҳои ҳавлигӣ дар минтақаҳое, ки лоиҳа фаро гтрифтааст ва онҳо дар вақтҳои барояшон зарур бинобар сабабҳои дастнорасии молиявӣ ба муассисаҳои тиббӣ муроҷиат намекунанд, ҳамчунин кам кардани ҳиссаи хароҷоти аҳолӣ ба хизматҳои тиббӣ, дастгирии тақсимоти одилонаи буҷети тандурустӣ ба воситаи ҷорӣ намудани маблағдиҳии сарикасӣ ба ёрии аввалаи тиббию санитарӣ, беҳтар намудани инфрасохтор ва хизматҳои ёрии аввалаи тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои интихобшудаи вилоятҳои Суғд ва Хатлон.

**Рафти ноилшавӣ ба ҳадафҳои лоиҳа дар соҳаи рушд:** Лоиҳа моҳи апрели соли 2006 эътибор пайдо кард ва рафти иҷрои он то ин замон аз рӯи нақша мегузашт. Дар вилояти Хатлон таълими духтурони оилавӣ оғоз ёфт. Дар 9-10 ноҳияи вилоятҳои Суғду Хатлон дар ҷараёни соли 2007 тайёрӣ ба таълими давраи аввали соҳаи идоракунӣ ва гузориши системаҳои иттилоотӣ рафта истодааст. Соли 2005 барои муассисаҳои тандурустӣ меъёрҳои нави техникие кор карда баромада шудаанд, ки алҳол дар тайёркунии муассисаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноки ёрии аввалаи тиббию санитарӣ истифода мешаванд.

**> Лоиҳаи оид ба таъмин намудани омодагии Тоҷикистон ба зукоми паррандаҳо ва пандемияи инсонӣ (Гранти АБР H2440)**

*Маблағ: 5 миллион доллари ИМА дар шакли грант*
*Таърихи эътибор пайдо кардан: 18 октябри соли 2006*
*Таърихи анҷом ёфтан: 1 декабри соли 2009*

Лоиҳа ба Ҳукумат дар бобати кам кардани хавфи паҳншавии сирояти зукоми паррандаҳо ва дигар касалиҳое ёрӣ мерасонад, ки аз ҳайвон ба инсон гузашта, ба саломатии одамон ва истеҳсоли паррандаҳои хонагӣ дар Тоҷикистон таҳдид карда метавонанд.

Ҳадафи умумии лоиҳа иборат аст аз: ба ҳадди ақал расонидани хавфи зукоми паррандаҳо, ҳамчунин таъмини омодагӣ, назорат ва барҳамдиҳии оқибатҳои он дар мавриди пандемияи инсонии зукоми паррандаҳо ва дигар касалиҳои сирояткунанда. Лоиҳа дорои се самти асосӣ мебошад: а) таъмини омодагӣ ва банақшагирӣ; б) ҷилавгирӣ ба воситаи огоҳонии ҷомеа ва назорати санитарию эпидемиологӣ; ва ҳамчунин в) барҳамдиҳии оқибатҳо ва андешидани чораҳое, ки паҳншавии сироятро дар мавриди сар задани он нигоҳ медоранд.



Қисматҳои асосии лоиҳа аз инҳо иборатанд: а) қисмати огоҳӣ ва бохабарии аҳли ҷомеа; б) қисмати оид ба солимии ҳайвонот; в) қисмати оиди саломатии инсонӣ; г) қисмати оиди дастгирии иҷрои лоиҳа. Арзиши умумии лоиҳа ба ҳаҷми 5,3 миллион доллари ИМА арзёбӣ мешавад. ЮНИСЕФ ва Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ барои ба ин лоиҳа маблағгузорӣ кардани 300 000 доллари ИМА омодаанд ва дар шарикии зич бо Бонки Умумиҷаҳонӣ дар бобати иҷрои он кор мекунанд.

**> Лоиҳаи оид ба нав кардани системаи маориф**

*Маблағ: 20 миллион доллари ИМА (ки аз ин 13 миллион кредити АБР ва 7 миллион гранти АБР мебошад)*
*Таърихи эътибор пайдо кардан: 26 сентябри соли 2006*
*Таърихи анҷом ёфтан: 31 декабри соли 2008*

Лоиҳаи мазкур кореро, ки дар доираи Лоиҳаи оид ба ислоҳоти системаи маориф оғоз ёфта буд, идома дода, ҳафт ноҳияи ҷумҳурӣ: (Кӯлоб, Восеъ, Ваҳдат, Файзобод, Нуробод, Роғун ва ноҳияи Роҳи оҳан) - ро фаро мегирад.
Мақсади лоиҳа боздоштани раванди пастшавии сифати системаи маориф ва бунёди таҳкурсии такмили минбаъдаи он мебошад.
Лоиҳа аз чаҳор қисмат иборат аст:

- *Дастгирии ташаббусҳои ҷомеавӣ.* Дар доираи қисмати мазкур ба мактабу шӯъбаҳои ноҳиявии маориф ҷиҳати беҳтар гардонидани инфрасохтор ва сифати таълим грантҳо дода шуда, ба бенефисиарҳо кӯмаки техникӣ расонида мешавад.

- *Дастгирии пурзӯр намудани нерӯ,* ки инҳоро дар бар м егирад: чорабиниҳои оиди ислоҳоти нақшаи таълимӣ, тайёр кардани китобҳои дарсии нав дар асоси нақшаи аз нав дида баромадашудаи нақшаи таълим, арзёбии донишҳои мактаббачаҳо, таълими муаллимон, беҳтар намудани системаи маблағгузорӣ ва идоракунӣ дар соҳаи маориф, тайёр ва кор карда баромадани сохтусози мактабҳои типи нав ва тақвият додани системаи идоракунӣ.
- *Тақвият додани системаи фароҳам овардани хизматҳои таълимие,* ки ба иҷрои таъмири мукаммали бинои мактабҳо ва шӯъбаҳои ноҳиявии маориф, сохтмони ду мактаби типи нав, таҷҳизонидани мактабҳои таъмиршуда, ҳамчунин беҳтар гардонидани системаи тақсимоти китобҳои дарсӣ (ба даст овардан, дубора нашр кардан) нигаронида шудааст.
- *Дастгирии иҷрои лоиҳа.* Дар доираи қисмати мазкур ба маркази оид ба идоракунии лоиҳа, Вазорати маориф ва шӯъбаҳои ноҳиявии он оиди масъалаҳои идора ба иҷрои лоиҳа ёрӣ расонида мешавад.

7 миллион доллари ИМА аз маблағи умумии лоиҳа аз ҷониби АБР ройгон дода мешавад. Маблағҳои грант асосан барои дастгирии ду қисмати аввал истифода мешаванд.

***Рафти ноилшавӣ ба ҳадафҳои лоиҳа дар соҳаи рушд:*** иҷрои тарҳи озмоишии маблағдиҳии сарикасӣ бомуваффақият пеш рафта истодааст. Афзудани самарабахшии тақсимот ва истифодаи воситаҳои мактабҳо яке аз натиҷаҳои мусбати ҷорӣ карда шудани тарҳи мазкур буда, дар зиёд шудани шумораи миёнаи талабаҳо дар синфҳо инъикос ёфт. Дар сатҳи мактабу ноҳияҳо ба манфиати давомдиҳии таҷрибаи озмоишии маблағдиҳии сарикасӣ дастгирии пурқуввате мавҷуд аст.

Дар бештар аз 70 фоизи мактабҳои доираи лоиҳа шӯроҳои мактабӣ фаъолона амал мекунанд. Дар натиҷа, сифати дархостҳо ба гирифтани грантҳои мавзӯии мактабӣ беҳтар гардид, шумораашон бошад, афзуда истодааст. Ғайр аз ин раванди тақвиятдиҳӣ ва навкунии нақшаи таълимӣ бомуваффақият идома дорад.

Умуман барои анҷом додани корҳои васеи барқарорсозӣ 30 мактаб муқаррар шудааст. Дар 9-тои ин мактабҳо корҳои таъмирӣ аллакай ба охир расида, дар 10-тоаш корҳо иҷро шуда истодаанд.

**> Лоиҳаи оид ба рушди бахши энергетикии Помир (Кредити 36820)**

*Маблаг: 10 миллион доллари ИМА*
*Таърихи эътибор пайдо кардан: 31 марти соли 2003*
*Таърихи анҷом ёфтан: 31 декабри соли 2007*

Мақсади лоиҳаи мазкур иборат аз он аст, ки бо назардошти принсипҳои устувории молявӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ, ҳамчунин бо ҷалб намудани бахши хусусӣ дараҷаи эътимоднокӣ ва ҳаҷми таъминоти қувваи барқ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) баланд бардошта шавад. Лоиҳаи мазкурро АБР якҷоя бо намояндагони бахши хусуси (КБМ ва Хазинаи Оғохон оид ба рушди иқтисодӣ - АКФЕД) маблағгузорӣ мекунад. Ҳамчунин ба лоиҳаи мазкур гранти Ҳукумати Швейтсария чудо карда шудааст. Ба ғайр аз 5 миллион доллари ИМА, ки Ҳукумати Швейтсария ба сифати грант чудо кардааст, арзиши умумии лоиҳа 26 миллион

доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки 2 миллиони он фоизҳои давраи сохтмон мебошад. Маблағгузории лоиҳа 45 фоизи сармояи саҳҳомии КБМ (3,5 миллион) ва АКФЭД (8,2 миллион), ҳамчунин 55 фоизи қарзеро, ки КБМ (3,5 миллион) ва АБР (10 млн) додаанд, дар бар мегиранд.
Дар доираи лоиҳа ба системаи истеҳсол, интиқол ва тақсимоти қувваи барқ дар ВМКБ тавассути маъракаи махсуси хусусӣ (Маъракаи энергетикии Помир-МЭП) тибқи муоҳида ба мӯҳлати 25 сол имтиёз дода мешавад. Ғайр аз ин, лоиҳа аз 14 мегаватт то ба 28 мегаватт зиёд кардани иқтидори НБО-и Помир-1 ва сохтмони қисматҳои иншоотеро дар назар дорад, ки аз Яшилкӯл ба тарафи сароб ҷорӣ шудани дарёро ба танзим медарорад ва дар зимистон ҳаҷми барои НБО кофии обро таъмин менамояд. Лоиҳа ҳамчунин барқарорсозии НБО-ҳои дигар (Хоруғ, Ванҷ, Намонгут), стансияҳои фаръӣ ва хатҳои интиқоли қувваи барқро дар ВМКБ пешбинӣ мекунад.

***Рафти ноилшавӣ ба ҳадафҳои лоиҳа дар соҳаи рушд:*** Рафти комёбшавии ҳадафҳои лоиҳа қаноатбахш дониста шуд. Механизми имтиёзҳо аллакай ду сол боз дар амал буда, ҳаҷми коркарди қувваи барқ афзуда истодааст. Пешбинӣ шудааст, ки пас аз анҷоми лоиҳа ҳаҷми коркард боз ҳам зиёдтар мешавад. Дар хусуси сифати таҳвил бошад, пас ба туфайли бунёди базаи маълумотҳои истеъмолкунандаҳо, татбиқи барномаи умумии оид ба аниқтар кардани андозаи истеъмол, ҳамчунин ба таври лозима пурра кардани ҳайат ва таълим додани кормандони истифодаю хизматрасони техникӣ ва шӯъбаи тиҷоратӣ теъдоди вайроншавӣ бо сабабҳои техникӣ дар система хеле камтар карда шуд. Тарифҳо дар сатҳи миёнаи мувофиқатшуда боқӣ монданд. Ғайр аз ин, тайёр кардани нақшаи тиҷоратии маъракa ба мӯҳлати амали лоиҳа, ҳамчунин барпо намудани системаи муносиби идоракунии молия дар комёбшавии устувори молиявии лоиҳа мадад мерасонад. Иҷрои нақшаи оид ба мониторинг ва идора, ҳамчунин тарҳи инноватсионии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо суръати бобарор пеш рафта истодааст.



**> Лоиҳаи оид ба кам кардани ҳаҷми талафоти энергетикӣ (Кредити 40930 ва Гранти АБР Н1780)**

*Маблағ: 18 миллион доллари ИМА*
*Таърихи эътибор пайдо кардан: 7 декабри соли 2005*
*Таърихи анҷом ёфтан: 30 июни соли 2012*

Мақсади лоиҳа иборат аст аз: ёрӣ расонидан ба раванди камкунии ҳаҷми талафоти тиҷоратӣ дар бахши таъминот бо қувваи барқ ва газ, ҳамчунин кӯмак кардан дар вақти бунёди асосҳои беҳтаргардонии вазъи молиявии корхонаҳои таъминкунандаи қувваи барқу газ тавассути қабулу иҷрои сиёсати босамари нархгузории бахши энергетикӣ ва чорабиниҳои оид ба такмили системаҳои ченаккунӣ, пешниҳоди суратҳисоб ва ҷамъоварии маблағ аз истеъмолкунандаҳо.

Лоиҳаи мазкурро Бонки Умумиҷаҳонӣ дар ҳаҷми 18 миллион доллари ИМА маблағгузорӣ мекунад, ки 15 миллиони онро қарзи АБР ва 3 миллионашро гранти АБР ташкил медиҳанд. Тахмин меравад, ки Ҳукумати Швейтсария тавассути котиботи оид ба ҳамкории иқтисодии худ барои иҷрои лоиҳаи мазкур ба ҳаҷми 8 миллион доллари ИМА дар шакли грант маблағгузории муштаракро пешниҳод мекунад.

Дар доираи Лоиҳаи оид ба кам кардани талафоти энергетикӣ таҳвилу гузошта шудани ҳисобкунакҳои қувваи барқу газ анҷом дода, лабораторияҳои оиди санҷишу назорати сифати хизматрасониҳо барпо карда мешаванд. Лоиҳа тайёру барқарор кардани системаи компютерии пардохт ва ҳисобу китобро дастгирӣ менамояд. Ғайр аз он, ривоҷдиҳии нерӯ дар доираи лоиҳа дастгирӣ шуда, ба корхонаҳои дахлдори соҳаи энергетикӣ, ҳамчунин ба Ҳукумати марказӣ дар иҷрои сиёсати давлатии соҳаи тарифҳои энергетикӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ёрӣ расонида мешавад. Инчунин лоиҳа дар бобати ба роҳ мондани ҳамкории самарабахштари байни истеъмолкунандагони қувваи барқ ва сохторҳои давлатие, ки бо танзими масъалаҳои таъмини қувваи барқ машғуданд, кӯмак мекунад.

***Рафти ноилшавӣ ба ҳадафҳои лоиҳа дар соҳаи рушд:*** Лоиҳа бомуваффақият иҷро шуда истодааст: дар агентиҳои оид ба иҷро гурӯҳҳои махсуси иҷрои лоиҳа ташкил шуда буданд. Раванди харидории дастгоҳу таҷҳизоти газ ҷараён дорад.

**> Лоиҳаи оид ба барқарор намудани системаи бо обтаъминкунии ш. Душанбе (Кредити 36640) + маблағгузории иловагии ЛБСОДТ**

*Маблағ: 17 миллион доллари ИМА + 5 миллион доллари маблағгузории иловагӣ*
*Таърихи эътибор пайдо кардан: 31 октябри соли 2002*
*Таърихи анҷом ёфтан: 30 июни соли 2007*



Лоиҳаи оиди бо обтаъминкунии ш. Душанбе ду мақсади асосӣ дорад: 1) баланд бардоштани сатҳи бехатарӣ, эътимоднокӣ ва самарабахшии системаи обтаъминкунӣ бо роҳи барқарорсозии таҷҳизоту дастгоҳҳои мавҷуда, ҳамчунин андешидани тадбирҳои такмилдиҳии система; ва 2) ба корхонаи обу коррези шаҳри Душанбе мадад кардан дар ташаккулёбии он ҳамчун корхонаи маҳаллии аз ҷиҳати молиявӣ самарабахштару худкифояи хизматрасони коммуналӣ. Барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои мазкур лоиҳа маблағгузории чунин тадбирҳоро дар назар дорад:

- *Маблағгузории барқарор кардани системаи обтаъминкунӣ ва афзун намудани самаранокии он,* аз ҷумла кам кардани ҳаҷми оби истеъмолӣ ва истифодаи ифроткоронаи он, ба ҳисоб гирифтани ҳаҷми истеҳсол ва истифодаи об, паст кардани

ҳаҷми талафоти об дар қубурҳо, беҳтар намудани системаи самарабахшии гидравликии обтаъминкунӣ, барқарор кардани системаи обсофкунӣ, барномаи сарфаи қувваи барқ; ҳамчунин

- *Анҷом додани шартномае, ки асоси онро сифати иҷрои ӯҳдадориҳо ташкил медиҳад.* Ин шартнома байни Ҳукумат ва оператори байналмилалӣ ҷиҳати ба амал баровардани обтаъминкунӣ ва идоракунии молиявӣ, инчунин фаъолияти тиҷоратии корхонаи ОКД ба имзо расидааст. Шартномаи мазкур мукофотпулии ҳавасмандкунандаеро пешбинӣ намудааст, ки дар мавриди беҳтар гардидани сифати расонидани хизмат ба истеъмолкунанда ва фаъолияти молиявии корхонаи ОКД пардохта мешавад.

Хазинаи ҷопонии рушди иҷтимоӣ ба лоиҳае, ки Бонки Умумиҷаҳонӣ маблағгузорӣ мекунад, таври илова барои маблағгузории барқарор кардани системаҳои дохилии шаҳрии обтаъминкунӣ тавассути кор бурдан бо аҳолии маҳаллӣ грантро ба маблағи 2,6 миллион доллари ИМА тасдиқ намуд.

Ғайр аз ин, моҳи декабри соли 2006 маблағгузории иловагӣ дар ҳаҷми 5 миллион доллар барои Лоиҳаи барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳри Душанбе тасдиқ гардид. Маблағҳои иловагӣ ба хароҷоте сарф мешаванд, ки ба афзудани миқёси корҳои ҷории доираи лоиҳа алоқаманданд ва ҳамин тариқ, ба пурзӯршавии таъсиру самаранокии он мусоидат мекунанд.

***Рафти ноилшавӣ ба ҳадафҳои лоиҳа дар соҳаи рушд:*** Лоиҳаи мазкур дар роҳи иҷрои ҳадафҳои худ, ки ба рушд нигаронида шудаанд, ба пешравии хеле калон комёб гардид. Ғайр аз ин, тамоми ӯҳдадориҳои оиди қарзи АБР қариб як сол пеш аз нақша иҷро гардидаанд. Дар ҷараёни иҷрои лоиҳа, ҳамчунин дар сифати обе, ки ба истеъмолкунандагон таҳвил мешавад, пас аз анҷоми баъзе корҳо дар доираи лоиҳа беҳтаршавии назаррас мушоҳида мешаванд. Алҳол қариб нисфи сокинони шаҳр бо оби хушсифат таъминанд, 20 фоизи аҳолӣ бошад оби сифаташ беҳтаршудаи (тибқи нишондиҳандаи тирагии об) манбаъҳои рӯизаминиро истифода мекунанд. Дар навбати худ нишондиҳандаҳои молиявии корхонаи обтаъминкунӣ ба андозаи дар назар дошташуда беҳтар нагардид.

## > Лоиҳа оид ба инфрасохтори маҳаллӣ (Гранти АБР – H2000)

*Маблағ: 15 миллион доллари ИМА*
*Таърихи эътибор пайдо кардан: 12 апрели соли 2006*
*Таърихи анҷом ёфтан: 31 августи соли 2011*



Мақсади лоиҳа иборат аз он аст, ки ба Ҳукумат дар бобати пешниҳоди хизматҳои дастрас, боэътимод ва хушсифати зарууртарини маҳаллӣ ба аҳолии ҳашт шаҳрҳои Тоҷикистон – иштирокчиёни лоиҳа ёрӣ расонида шавад. Таъмини дастрасии хизматҳои зарууртарини маҳаллӣ худ аз худ омили муҳими дастгирии болоравии иқтисодиёт ва паст

кардани сатҳи камбизоатӣ дар маҳалҳо мебошад.

Лоиҳа шаҳрҳои зеринро фаро мегирад: Данғара, Истаравшан, Конибодом, Кӯлоб, Кӯрғонтеппа, Рашт, Ваҳдат ва Восеъ. Тамоми чорабиниҳои доираи лоиҳа ба ҳифозати аҳолии шаҳрҳои маскур аз ҳар гуна бемориҳо мусоидат мекунанд, ба Тоҷикистон дар роҳи ноилшавӣ ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, нисфӣ кам кардани шумораи одамоне, ки оби нӯшокии безарар ва хизматҳои асоси қубуру корезҳо барояшон дастнорас аст, ёрии махсус хоҳанд расонд.

Лоиҳаи оид ба рушди инфрасохтори маҳаллӣ се қисмати асоси дорад. Қисмати аввал барқарорсозӣ ва таъмири инфрасохтору иншоотҳо, иваз кардани таҷҳизоти барои фароҳамоварии хизматҳои асосии маҳаллӣ зарурро бо маблағ таъмин мекунад. Қисмати дуюм ба дастгирии таҳқиқотҳои иловагии инженерию техникие равона мешавад, ки талаботро ба инвеститсияҳо муайян карда нерӯи институтсионалии корхонаи муштараки "Хоҷагии манзилию коммуналӣ"-ро тақвият медиҳанд. Қисмати сеюм бояд дар раванди иҷро ва идоракунии лоиҳа ба агентие ёрӣ расонад, ки он ба амалӣ гаштани лоиҳаи маскур масъул мебошад.
Корхонаи давлатии муштараки "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" муассисаи асоси давлатиест, ки ба идора ва иҷрои лоиҳа ҷавобгар аст.

***Рафти ноилшавӣ ба ҳадафҳои лоиҳа дар соҳаи рушд:*** Лоиҳа моҳи апрели соли 2006, вақте ки иҷрои он шурӯъ шуд, эътибор пайдо кард. Барои дар ҳашт шаҳр барқарор намудани системаҳои обтаъминкунӣ шартномаҳо имзо шуданд.

**> Лоиҳа оид ба ислоҳоти бахши давлатӣ (Гранти АБР H2450)**

*Маблаг: 5 миллион доллари ИМА дар шакли грант*
*Таърихи эътибор пайдо кардан: 8 сентябри соли 2006*
*Таърихи анҷом ёфтан: 7 июли соли 2011*

Лоиҳа ба дастгирии Ҳукумат дар иҷрои Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ тавассути тақвият додани раванди таҳияи сиёсати давлатӣ ва системаҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, ҳамчунин ба зиёд кардани шаффофияти идоракунии давлатӣ дар баъзе сохторҳои асосии бахши давлатӣ нигаронида шудааст.
Лоиҳа аз 3 қисмат иборат аст, ки ҳар яки онҳо бо афзалиятҳои дар Стратегияи миллии рушд изҳоршуда алоқамананданд, ҳамчунин тамоми қисматҳо бевосита бо ҳадафҳое алоқамананданд, ки дар Стратегияи ислоҳоти системаи давлатии идоракунӣ зикр гардидаанд ва дар барномаи миёнамӯҳлати Ҳукумат аниқ нишон дода шудаанд.
Қисмати аввал ислоҳоти умумии система ва фаъолияти оиди рушди нерӯи институтсионалӣ, ҳамчунин ислоҳоти хадамоти давлатӣ ва чораҳои оиди иҷрои ислоҳоти афзалиятноки маъмуриро дастгирӣ менамояд.
Қисмати дуюм ба дастгирии ҷаҳду талоши Ҳукумат оиди такмил додани системаи тайёрӣ ва иҷрои буҷет бо қайди махсуси банақшагирии миёнамӯҳлати буҷетӣ ва тақсимоти самараноки маблағҳои бахши иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Тахмин меравад, ки ҷидду ҷаҳди Ҳукумат дар соҳаи вусъати нерӯи бунёди иқлими мусоиди корию инвеститсионӣ дар доираи лоиҳа мустақиман дастгирӣ мешаванд.

**<u>Лоиҳаи оид ба тақвият додани системаи миллии омор (Гранти АБР H 2270)</u>**

*Маблаг: 5,07 миллион доллари ИМА, (ки 1 миллиони он гранти АБР аст)*

*Таърихи эътибор пайдо кардан: 26 июни соли 2006*
*Таърихи анҷом ёфтан: 30 июни соли 2011*

Арзиши умумии лоиҳа тақрибан 5,07 миллион доллари ИМА буда, 1 миллиони онро гранти АБР ташкил медиҳад. Саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахмин 0,872 миллион доллар аст. Айни замон ӯҳдадориҳои молиявии донорҳои дигар, аз ҷумла Агентии рушди байналмилалии Британияи Кабир ва Агентии рушди байналмилалии Шветсия ҳамин лаҳза 3,2 миллион долларро ташкил медиҳад. Ҳар ду донор барои ба суръатҳисоби хазинаи трастии лоиҳаи мазкур гузаронидани маблағҳои ҷудокардаашон розигӣ доданд ва ин хазина алакай ташкил ёфта, аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ идора мешавад.
Мақсади умумии лоиҳа навкунии системаи миллии омор, баланд бардоштани самаранокии он ҷиҳати ба даст овардани маълумотҳои муҳим, саривақт ва боэътимоде мебошад, ки бо маълумотҳои аслӣ асоснок шуда, стратегияи давлатии паст кардани сатҳи камбизоатию равандҳои рушди иқтисодиро дастгирӣ мекунанд, ва дар вақти қабули карорҳои давлатӣ истифода мешаванд. Системаи самарабахштар амалкунандаи омори давлатӣ, чуноне ки дар назар дошта шудааст, натиҷаи асосии лоиҳаи мазкур мегардад. Ва ин система равандҳои аз ҷониби Ҳукумат қабул шудани қарорҳоро бо роҳи таъмини маълумоти саривақту аниқи оиди нишондиҳандаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҳамаҷониба дастгирӣ мекунад. Ғайр аз ин, лоиҳа ба Ҳукумат ёрӣ медиҳад, ки рафти комёбшавии ҳадафҳои рушди миллӣ, аз ҷумла ҳадафҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва Ҳадафҳои рушди ҳазорсоларо мушоҳида кунанд.

## B. Лоиҳаҳое, ки дар марҳалаи тайёршавӣ мебошанд (2)

➢ **Лоиҳаи дуюм барои кор карда баромадани чорабиниҳои сиёсати иқтисодӣ**

*Маблағи эҳтимолӣ: 10 миллион доллари ИМА дар шакли грант*
*Таърихи тахминии тасдиқшавӣ: 18 июли соли 2007*

Лоиҳаи пешниҳодшавандаи дуюми кор карда баромадани тадбирҳои сиёсати иқтисодӣ лоиҳаи дуюми барномавиест, ки мақсадаш дастгирииислоҳоти ҳукуматии дар Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ пешбинишуда мебошад. Бонки Умумиҷаҳонӣ ният дорад, ки аз соли 2006-ум сар карда, ҳар сол ба буҷети давлатӣ дар шакли грант 10 миллион доллари ИМА ёрӣ расонад. Лоиҳаи дуюм мисли лоиҳаи якуме, ки моҳи июли соли 2006 аз ҷониби Шӯрои Директорони Бонки Умумиҷаҳонӣ тасдиқ шуда буд, ба дастгирии як қатор ислоҳоти стратегии соҳаи рушди бахши хусусӣ, идораи бахши давлатӣ ва системаи пешниҳоди хизматҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Чорабиниҳои сиёсат дар доираи лоиҳаи мазкур аҳамияти робитаи дутарафаи ислоҳоти идоракуниро дар миёни бахшҳои давлатию хусусӣ нигоҳ медоранд. Ҳамчунин лоиҳаи мазкур бо барномаи инвеститсияҳою кӯмаки техникии Бонк ва дигар шарикони соҳаҳои дахлдор зич алоқаманд аст.
Барномаи пешниҳодшаванда ба ду самт тақсим мешавад:

- *Ёрирасонӣ ба инкишофи бахши хусусӣ* тавассути дастгирии устувории калони иқтисодӣ, такмил додани иқлими инвеститсионӣ, таъмин намудани дараҷаи бештари шаффофияти раванди хусусигардонӣ, ёрирасонӣ ба рақобат дар бозор, ҳамчунин ислоҳоти сохторҳои танзим бо роҳи аз вазифаҳои танзими соҳаҳои асосии стратегӣ, мисли интиқоли авиатсионӣ, пахта ва энергетика ҷудо кардани вазифаҳои оиди қабули қарорҳо.
- *Такмилдиҳии системаи идораи бахшҳои давлатӣ ва фароҳам овардани хизматҳои давлатӣ* тавассути

навкунии сохторҳои муассисаҳои давлатӣ, ислоҳоти идораи хадамоти давлатӣ ва системаи пардохти музди меҳнат, тақвият додани барномаи миёнамӯҳлати буҷетӣ, такмил додани хизматрасонии иҷтимоӣ дар соҳаи тандурустӣ ва маориф.
Лоиҳаи пешниҳодшаванда ба ҳукумат ёрӣ мерасонад, ки баъзе хароҷотҳои асосии бо иҷрои барномаи ислоҳоти миёнамӯҳлат алоқамандро маблағгузорӣ намояд.

➢ **<u>Лоиҳаи оид ба барқарор намудани бахши пахтакорӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ</u>**

*Маблағи эҳтимолӣ: 15 миллион доллари ИМА дар шакли кредит*
*Таърихи тахминии тасдиқшавӣ: 24 майи соли 2007*

Мақсади лоиҳа иборат аз он аст, ки сифати зиндагии деҳқонони пахтакор беҳтар гардида, барои афзоиши мунтазами истеҳсоли пахта дар баъзе минтақаҳои интихобии камдаромади Тоҷикистон бо роҳи ҳалли масъалаи қарзҳои хоҷагиҳои пахтакор шароитҳои мусоид фароҳам оварда, оиди ин масъала муҳити нисбатан мукаммалтари сиёсӣ, раванди самарабахштари коркарди пахта ва бинобар ин нархи баландтари фурӯши пахта, дастгирии пахтакорон муҳайё карда шавад.
Сохтори дар ин марҳала пешбинишавандаи лоиҳа чаҳор самти фаъолият дошта, ҳамчунин маркази идоракунии лоиҳаро (МИЛ) дар бар мегирад.



- *<u>Ҳалли қарзи соҳаи пахтакорӣ</u>.* Мақсади қисмати мазкур кор карда баромадани раванди ҳалли қарз аст, ки он бояд барои истеҳсолкунандагон шаффоф, одилона ва фаҳмо бошад. Ҳамчунин вай ба вусъати имкониятҳои истеҳсолкунандагони босамар кор кардаистода оиди афзун намудани истеҳсолот, даромад ва маблаггузории худ мусоидат мекунад.

- *<u>Бадали қарз.</u>* Бо мақсади истиснои ӯҳдадориҳои оиди пардохти қарз аз баланси хоҷагиҳои деҳқонӣ механизми бадали қарз истифода мешавад, то ин ки барои воситаҳою роҳҳои алтернативии маблаггузорию фурӯши маҳсулот роҳ кушода шавад, ва ба ҳамин тариқ, вобастагии хоҷагиҳои деҳқонӣ аз қарзхоҳони худ бекор карда шавад.
Дуюм, сатҳи ҳозираи даромаднокию вазъи молиявии қисми зиёди хоҷагиҳои қарздор ба назар гирифта шуда, қарзҳои ҷории мавсимии азтафтишотгузашта нав карда, ба қарзҳои нисбатан дарозмӯҳлат бадал карда мешаванд.
- *<u>Иштироки деҳқонон дар системаи муайянкунии арзиши пахта.</u>* Дар доираи лоиҳа бо иштироки деҳқонон ва бунёди заводи коркарди пахта ё корхонаи кооперативии оид ба таҳвили пахта системаи устувору бо кордонӣ ташаккулёфта ҷорӣ карда мешавад. Мақсади системаи мазкур бунёди алтернативаи одилонаю фаъоли ба системаи ҳозира муқобил мебошад, ки он дар бахши пахтакории ҷумҳурӣ муқаррар шудааст.
- *<u>Дастгирӣ дар вақти кор карда баромадан ва иҷрои сиёсати давлатӣ дар бахш ва таҳлили таъсиррасонии онҳо.</u>* Таъсиррасонии лоиҳа дар сатҳи миллӣ аз бисёр ҷиҳат ба нерӯ ва омодагии Ҳукумат дар бобати фаъолияти қатъии оиди масъалаҳои ҳалли қарзҳои соҳаи пахтакорӣ, рақобат, истифодаи замин ва фаъолияти ҳукумати маҳаллӣ вобаста мебошад. Оиди ин қисмат таҳлили ҳарсолаи таъсиррасонии қарору

фаъолияти давлатӣ аз рӯи лоиҳа ба ҳосилнокии хоҷагиҳо, даромад ва ҳиссаи онҳо дар системаи муайян кардани нархи пахта гузаронида мешавад.

## Г. Лоиҳаҳои минтақавӣ

➢ **Лоиҳаи минтақавии Осиёи Марказӣ оид ба мубориза бо паҳншавии ВИЧ/СПИД**

Лоиҳаи мазкур дар ҳаҷми 25 миллион доллар 4 ноябри соли 2005 эътибор пайдо кард. Мақсади асосии он ба ҳадди ақал расонидани оқибатҳои имконпазири манфии эпидемияи афзудаистодаи ВИЧ/СПИД барои аҳолӣ ва иқтисодиётӣ Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мебошад. Лоиҳа ба барномаю лоиҳаҳое, ки аз ҷониби Ҳукумат, Бонк ва дигар ташкилотҳои шарик (ЮНЕЙДС, ГФАТМ, ЮНОДС, ДФИД, ЮСАИД ва Хазинаи Сорос) маблағгузорӣ мешаванд, дар сатҳи мамлакатҳо ёрӣ мерасонад. Лоиҳа дар соҳаи рушд назди худ чунин мақсадҳо гузоштааст:

- Солҳои 2005 – 2020 паст кардани афзоиши эпидемияи ВИЧ/СПИД дар Осиёи Марказӣ.
- Дар Осиёи Марказӣ дар шакли Хазинаи минтақавии мубориза бо СПИД таъсис додани механизми устуворе, ки он барои маблағгузории фаъолияти пешгирӣ ва мубориза бо паҳншавии ВИЧ/СПИД дар минтақа ҳангоми амал ва анҷом ёфтани иҷрои лоиҳа истифода мешавад.
- Беҳтар намудани ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ва мутобиқсозии байнисоҳавии боз ҳам самарабахштари миёни бахши давлатӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ (ТҒХ) ва бахши хусусӣ дар мубориза бо ВИЧ/СПИД дар ин минтақа.

## Д. Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ

Корпоратсияи байналмиллалии молиявӣ (КБМ) ҷузву томи Гурӯҳи Бонки Умумиҷаҳонӣ мебошад, ки ваколати он ба дастгирии бахши хусусӣ равона карда шудааст. Алҳол ба ҳайати КБМ 179 мамлакати иштирокчӣ дохиланд. КБМ соли 1956 бо мақсади дастгирии равандҳои рушд тавассути ба бахшҳои хусусии мамлакатҳои тараққиёбанда ҷалб кардани инвеститсияҳо ташкил ёфтааст. Рисолати он иборат аст: бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагии одамон мунтазам ҷалб намудани инвеститсияҳои хусусӣ ба иқтисодиёти мамлакатҳои тараққи-кардаистода. Тоҷикистон соли 1994 ба КБМ ҳамроҳ шуда, 0,05 фоизи сармояи саҳҳомии онро дорад.
То замони ҳозира, аз ҷониби КБМ дар Тоҷикистон 11 лоиҳа ба маблағи умумии қариб 36 миллион доллари ИМА барои дастгирии як қатор бахшҳо: саноати истихроҷи маъдан, корхонаҳои коммуналӣ, саноати бофандагӣ, кишоварзӣ, технологияҳои иттилоотӣ, бахши молия, ҳамчунин рушди соҳибкории хурд ва миёна тасдиқ шудаанд. Аз ин маблағ аллакай тақрибан 3,5 миллион доллар пардохта шудааст. КБМ дар доираи Барномаи шарикӣ бо бахши хусусӣ дар Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ ҷиҳати иҷрои 8 барномаи ёрии машваратӣ ба маблағи зиёда аз 10 миллион доллар ӯҳдадориҳои молиявӣ пешниҳод кард.

### *Лоиҳаҳои инвеститсионии анҷомёфтаи КБМ*

➢ **Лоиҳаҳо оид ба истихроҷи тилло («Зарафшан Голд», «Нелсон Голд»)**
*Маблағ: 18,88 миллион доллари ИМА*
*Таърихи ба имзо расидан: соли 1998*
*Таърихи пӯшида шудан: соли 2003*

Лоиҳаи мазкур корхонаи муштараки калонтаринест, ки аз ҷониби КБМ дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан маблағгузорӣ мешавад. Иштироки молиявии КБМ дар додани заём, гузоштани маблағ ба сармояи саҳҳомӣ ва сармояи квазисаҳмии корхона ифода меёфт. Оғози фаъолияти ширкат бо мушкилиҳо пайваст буд, лекин ҳозир он ба таври қаноатбахш

фаъолият намуда, тилло содир мекунад. КБМ нақши худро дар лоиҳа анҷомёфта ҳисобида, аз ҳайати корхонаи мазкур баромад.

***<u>Баъзе лоиҳаҳои ҳозираи инвеститсионии КБМ дар Тоҷикистон</u>***

➢ **Лоиҳаи оид ба рушди бахши энергетикӣ дар Помир – соҳаи хизматрасонии коммуналӣ**

*Маблағ: 8 миллион доллари ИМА*

*Таърихи ба имзо расидан: 3 июли соли 2002*

*Таърихи анҷом ёфтан: бояд муайян карда шавад*

КБМ якҷоя бо Хазинаи рушди иқтисодии Оғохон ва АБР лоиҳаи оид ба истифода ва идораи системаи мавҷудаи коркард, интиқол ва тақсимоти қувваи баркро дар ВМКБ дар доираи Муоҳидаи имтиёзии мӯҳлаташ 25 сол маблағгузорӣ мекунанд.

Ҳамчунин маблағҳои КБМ барои анҷомдиҳии сохтмони ГЭС-и Помир-1, ки ин лаҳза нисфи сохтмон иҷро шудааст ва он дар баробари иқтидори лоиҳавии 28 Мвт ҳоло 14 Мвт қувваи барқ истеҳсол мекунад, истифода мешаванд (маълумоти муфассалтар дар фасли Б «Лоиҳаҳое, ки дар марҳалаи иҷрошавианд») оварда шудааст.



➢ **Лоиҳаи оид ба фабрикаи бофандагии «Ҷавонӣ» - саноати бофандагӣ ва дузандагӣ**

*Маблағ: 3 миллион доллари ИМА;*

*Таърихи ба имзо расидан: 3 марти соли 2003*

*Таърихи пӯшида шудан: бояд муайян карда шавад*

Лоиҳаи мазкур ба азнавсозии фабрикаи мавҷудаи истеҳсоли маҳсулоти бофандагӣ нигаронида шудааст, ки дар шимоли Тоҷикистон, шаҳри Хӯҷанд ҷой гирифтааст. Дар доираи лоиҳа вусъат додани истеҳсолот тавассути гузориш ва танзими истеҳсоли матои ҷинс бо иқтидори истеҳсолии қариб 1,3 миллион адад маҳсулот дар як сол пешбинӣ шудааст.

➢ **Лоиҳа бо бонки «Эсхата» - молия ва суғурта**

*Маблағ: 1 миллион доллари ИМА;*

*Таърихи ба имзо расидан: 23 августи соли 2005*

*Таърихи пӯшида шудан: 23 августи соли 2010*

Лоиҳа дар доираи Хазинаи КБМ –ии оид ба дастгирии корхонаҳои хурди Осиёи Марказӣ (якҷоя бо Бонки Аврупоии азнавсозӣ ва рушд ва Котиботи Швейтсария оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва рушд) маблағгузорӣ мешавад ва дар доираи он ба бонкҳои алоҳидаи минтақа барои қарздиҳии минбаъда ба корхонаҳои хурд роҳу тарзҳои қарз пешниҳод мешаванд.

***<u>Лоиҳаҳои оид ба инкишофи корхонаҳои хурду миёна</u>***

КБМ маблағгузории як қатор лоиҳаҳои хурдро дар доираи Хазинаи инкишофи корхонаҳои хурд ва миёна маъқул донист. Тибқи барномаи мазкури маблағгузорӣ ба Супермаркети голландӣ 400 000 доллари ИМА, ба Тоҷиксодиротбонк 500 000 доллари ИМА, ба ширкати Телеком технолоджи 350 000 доллари ИМА, ба Лоиҳаи хоҷагии деҳқонии намунавӣ 750 000 доллари ИМА ва ба Бонки хурди молиявии Тоҷикистон 850 000 доллари ИМА ҷудо шуда буд.

***<u>Барномаи ёрии машваратии КБМ дар Тоҷикистон</u>***

КБМ иҷрои барномаи ёрии машваратию техникиро соли 1996 бо мақсади дастгирии рушди бахши хусусӣ оғоз намуд. Корпоратсия ба воситаи Барномаи шарикӣ бо бахши хусусии худ (БШБХ), ҳамчунин бо ёрии мушовироне, ки аз тарафи хазинаҳои донории трастии КБМ маблағгузорӣ мешаванд, фаъолияти худро дар бахши молия (кори бонкӣ, лизинг ва маблағгузории хурд), соҳаи кишоварзӣ ва хусусигардонии замин, аз ҷумла дар соҳаи корхонаҳои хурду миёнаи Тоҷикистон ба амал мебарорад.

Аз соли 2003 сар карда, ба маблағгузории барномаҳои ёрии машваратӣ дар доираи БШБХ ба маблағи зиёда аз 10 миллион доллари ИМА ӯҳдадориҳо пешниҳод шудаанд.

***<u>Лоиҳаҳои ҳозираи ёрии машваратии КБМ:</u>***

➢ **Лоиҳаи оид ба инкишофи тиҷоратии хурд ва миёна дар Тоҷикистон (БШБХ)**

*Мӯҳлати лоиҳа: аз соли 2003 то замони ҳозира*

*Донор: Котиботи давлатии Швейтсария оид ба иқтисодиёт (СЭКО)*

Мақсади лоиҳаи мазкур иборат аст: тавассути беҳтар намудани иқлими кории ҷумҳурӣ дастгирӣ кардани инкишофи тиҷорати хурд ва миёна. Лоиҳа дар се самт амал мекунад:

**1)** Мониторинги муҳити корӣ ба воситаи мунтазам гузаронидани таҳқиқот дар соҳаи соҳибкории хурд ва миёна;

**2)** Ба Ҳукумат ёрии машваратӣ расонидан бо мақсади такмил додани қонунгузорӣ ва асоси меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи тиҷорат;

**3)** Гузаронидани таълим ва маъракаҳои ҷамъиятӣ дар хусуси зиёд кардани вокифии соҳибкорон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ.

Ҳозир лоиҳа дар марҳалаи сеюми иҷро воқеъ буда, кори бобарори худро оиди ислоҳоти қонунгузорӣ идома дода, ба агентиҳои давлатӣ дар раванди иҷрои қонун ва Низомномаҳои нав, ҳамчунин дар пешниҳоди ёрии ҳуқуқӣ ба намояндагони тиҷорати хурд ва миёна кӯмак мерасонанд.

➢ **Лоиҳаи дастгирии техникӣ дар соҳаи маблағгузории манзилӣ дар Осиёи Марказӣ (БШБХ)**

*Мӯҳлати лоиҳа: аз соли 2005 то замони ҳозира*

*Донор: Котиботи давлатии Швейтсария оид ба иқтисодиёт (СЭКО)*

Барномаи минтақавии мазкур, ки аз ду марҳала иборат мебошад, ба бунёди шароитҳои мусоид барои вусъатдиҳии бозори ба шакли қарз додани манзил дар Озарбойҷон, Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон равона шудааст.

Дар рафти иҷрои марҳалаи аввали лоиҳа камбудиҳои системаи ҷории маблағгузории манзилӣ дар ҳар як ҷумҳурӣ ошкор гардида, таҳлили монеаҳои меъёрию ҳуқуқие гузаронида мешавад, ки ба вусъати бозори манзилҳои қарзӣ мамониат мекунанд, ҳамчунин нақшаи чорабиниҳое кор карда баромада мешаванд, ки дар марҳалаи дуюми лоиҳа иҷро мегарданд.

➢ **Барномаи оид ба лизинг дар Озарбойҷон ва Осиёи Марказӣ (БШБХ)**

*Мӯҳлати лоиҳа: аз соли 2005 то замони ҳозира*

*Донор:Котиботи давлатии Швейтсария оид ба иқтисодиёт (СЭКО)*

Мақсади лоиҳаи сесолаи мазкур иборат аз он аст, ки бозори лизинг дар Озарбойҷон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ривоҷ дода шавад, дастрасии боз ҳам бештари гирифтани маблағ барои корхонаҳои хурду миёна пешниҳод гардад. КБМ бо баъзе муассисаҳои молиявӣ барои тақвияти нерӯи онҳо дар соҳаи лизинг алоҳида кор мекунад. Ҳамчунин корпоратсия захираи

махсуси заёмро дар ҳаҷми 30 миллион доллари ИМА муқаррар намуд, ки он фаъолияти машваратиро мукаммалтар мегардонад.
Лоиҳа ҳамчунин ба такмили асоси меъёрию ҳуқуқии соҳаи лизинги хар як ҷумхурӣ ёрӣ мерасонад.




➢ **Нахустин бонки хурди молиявии Тоҷикистон**
*Мӯҳлати лоиҳа: аз соли 2004 то замони ҳозира*
*Донор: Канада ва Бонки Рушди KFW*

Моҳи июли соли 2004 Нахустин бонки хурди молиявии Тоҷикистон ба кор шурӯъ намуд. Вай дар ҷумхурӣ нахустин бонки мукаммали хурди молиявӣ шуд. Бо мақсади қонеъгардонии талаботи сохибкорони имрӯза ва минбаъда, ки асоси иқтисодиёти тоҷикро ташкил медиҳанд, бонк вазифадор аст, то ба корхонаҳои хурд, алалхусус ба корхонаҳои хурди манотиқи деҳотии ҷумхурӣ, ки занҳо роҳбарӣ мекунанду дастрасии маблағгузорӣ ниҳоят маҳдуд аст, қарзу хизматҳои амонатгузориро пешниҳод кунад.

➢ **Лоиҳаи хоҷагии деҳқонии намунавӣ дар Тоҷикистон (БШБХ)**
*Мӯҳлати лоиҳа: аз соли 2001 то замони ҳозира*
*Донор: Котиботи давлатии Швейтсария оид ба иқтисодиёт (СЭКО)*

КБМ иҷрои лоиҳаи мазкурро соли 2001 оғоз намуд, то ин ки ба ташкили ширкати оид ба пешниҳоди хизматҳои тиҷоратӣ СугдАгроСервис (САС) ёрӣ расонад. Деҳқонони пахтакори вилояти Суғд аз ин хизматҳо пурра истифода мебаранд.
Дар доираи лоиҳа ба инкишофи САС чун корхонаи мустаҳками тиҷоратӣ ёрӣ расонида мешавад, ҳамчунин таълими деҳқонон оиди беҳтар кардани сифати пахта ва тарзу усулҳои пешбарии кишоварзӣ гузаронида мешавад.

➢ **Лоиҳаи оид ба тараққиёти истеҳсолоти кишоварзӣ дар ҷануби Тоҷикистон (БШБХ)**
*Мӯҳлати лоиҳа: аз соли 2006*
*Донор: Агентии Шветсия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи рушди байналмилалӣ (СИДА)*

КБМ ба наздикӣ лоиҳаи оид ба дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти помидорӣ ва шириро дар ҷануби Тоҷикистон баҳри зиёд кардани истеҳсоли онҳо оғоз намуд. Дар лоиҳа корхонаҳои маҳаллии коркардабарорӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва бонкҳо бо мақсади беҳтар намудани тарзу усулҳои истеҳсол ва ривоҷ додани системаи устувори қарздиҳии кишоварзӣ истифода мешаванд. Ҳамчунин лоиҳа ба деҳқонон дар бобати диверсификатсияи зироатҳои кишоварзиашон бо роҳи пешниҳоди зироатҳои дигар чун алтернативаи пахта кӯмак мерасонад.

➢ **Лоиҳаи оид ба идораи корпоративӣ дар Осиёи Марказӣ (БШБХ)**
*Мӯҳлати лоиҳа: аз миёнаҳои соли 2007 то соли 2009*

Лоиҳа барномаи оид ба идораи корпоративиро, ки ҳоло дар Қазоқистон ба амал бароварда мешавад, васеъ мекунад, ва ба беҳтар кардани амалияи идораи корпоративии байни ширкату бонкҳои Тоҷикистон ёрӣ мерасонад.

***Лоиҳаҳои анҷомёфтаи ёрии машваратии КБМ:***

➢ **Лоиҳаи оид ба инкишофи лизинг дар Осиёи Марказӣ (БШБХ)**

*Соли 2005 анҷом ёфтааст*

Барои муайян намудани имкониятҳои инвеститсияи бахши мазкур ва такмил додани асоси меъёрию қонунгузорӣ дар соҳаи лизинг аз ҷониби КБМ машваратҳо дода шуданд. Пас аз анҷоми лоиҳаи мазкур Лоиҳаи оид ба лизинг дар Осиёи Марказӣ дар доираи БШБХ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекард ва мақсад дошт, ки дар бораи лизинг қонуни муносибтар қабул кунад (Қонун моҳи апрели соли 2003 қабул шуда буд).
Ҳамчунин ширкатҳое, ки хоҳиши бо лизинг машғул шуданро доштанд, дар доираи лоиҳа таълим мегирифтанд.

➢ **Лоиҳаи оид ба тайёр кардани қонунгузорӣ дар бораи маблағгузории хурд дар Осиёи Марказӣ (БШБХ)**
*Соли 2004 анҷом ёфт*

Лоиҳаи мазкур, ки аз ҷониби КБМ ва ЮСАИД маблағгузорӣ шуда буд, дар ҳамкории зич бо Бонки миллии Тоҷикистон оиди тайёр карда баромадани Қонун дар бораи ташкилотҳои хурди молиявӣ кор мекард ва ҳангоми кабулшавӣ онро дастгирӣ менамуд. Ғайр аз ин, дар доираи лоиҳа барои таълими шахсони иштирокчӣ ва оиди ин қонун хосил намудани ҳамфикрию ризоият ҳар гуна мизҳои мудаввар ташкил карда мешуданд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ташкилотҳои хурди молиявӣ 27 майи соли 2004 аз ҷониби Президент имзо шуда буд.

➢ **Барномаи машваратӣ оид ба рушди Заводи алюминии тоҷик**
*Соли 2003 анҷом ёфт*

КБМ вазъи иқтисодӣ ва навъҳои намунаи кори Заводи алюминии тоҷикро (ЗАТ) ҳамаҷониба омӯхт. Заводи мазкур корхонаи калонтарини саноатии ҷумхурӣ буда, тақрибан 45 фоизи вуруди асъори хориҷӣ ба ҳиссаи он рост меояд. Тахқиқоти мазкури КБМ, ки мушовирони ширкатҳои «Electrowatt Engineering» ва «Hatch Associates» гузаронидаанд, бо маблағҳои худи КБМ ва Хазинаи трастии швейтсарии КБМ маблағгузорӣ шуда буд. Он тибқи хоҳиши АБР ва Ҳукумати ҷумхурӣ бо мақсади муҳокимаи сохтори ояндаи завод гузаронида шуд, ва ин яке аз шартҳои асосии АБР барои дигаргунсозии сохтории ҷумхурӣ буд.

➢ **Лоиҳа дар соҳаи туризм**
*Соли 2002 анҷом ёфт*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба КБМ бо хоҳише муроҷиат намуд, ки дар инкишофи умури меҳмондорӣ дар ҷумхурӣ, аз ҷумла ба кушодани меҳмонхонаҳои тиҷоратӣ дар шаҳри Душанбе ёрӣ расонад, ва мақсад аз ин ба ҷумхурӣ ҷалб карда шудани шумораи бештари тоҷирону сайёҳон мебошад. КБМ барои арзёбии талаботи бозор ва тайёр кардани ҷавоб ба изҳори манфиатдории якчанд инвесторони хориҷӣ, аз ҷумла ФАХЭР, бозори умури меҳмондориро аз ҳисоби маблағи Хазинаи трастӣ таҳқиқ намуд.
Ҳадафи амали мазкур арзёбии инфрасохтори мавҷуда, ҳамчунин арзёбии талаботи ҳозира ва оянда ба меҳмонхонаҳои дараҷаи байналмилали дар ду шаҳри асосӣ ва минтақаҳои туризм буд. Таҳқиқот дар шакли аввалааш зарурати фаврии меҳмонхонаи дараҷаи байналмилалиро дар пойтахт инъикос мекард. КБМ натиҷаҳои таҳқиқотро ба Ҳукумат ва маблағгузорон пешниҳод кард ва эшон манфиатдории худро ба он изҳор намуданд.

## E. Агентии бисёрҷонибаи кафолатдиҳии маблағгузорӣ (ОБКМ)

Тоҷикистон моҳи декабри соли 2002 ба ОБКМ ҳамроҳ шуда, аз рӯи ҳисоб 160-ум мамлакат – аъзои он гардид. Тахмин меравад, ки агентии мазкур дар рушди бахши хусусии Тоҷикистон, алалхусус дар бобати ҷалб кардани маблағгузории мустақими хориҷӣ, ҳам тавассути фаъолияти ОБКМ оид ба инкишофи нерӯи маҳаллӣ ва ҳам

тавассути кафолатҳои худ муқобили навъҳои хавфу хатари ғайритиҷоратӣ ба маблағгузорони хориҷӣ, нақши фаъол мебозад. Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии баъдитазодие, ки АБР дастгирӣ мекунад, барои амалӣ гардонидани фаъолияти ОБКМ яке аз мамлакатҳои афзалиятнок мебошад.

Моҳи сентябри соли 2003 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ОБКМ ва Хадамоти машваратии оид ба маблағгузории хориҷии (ХММХ) Бонки Умумиҷаҳонӣ бо хоҳиш муроҷиат намуд, ки вариантҳои лоиҳаи кӯмаки техникиро якҷоя баррасӣ намоянд. Чунки ин кӯмак ба Ҳукумат дар бартарафкунии камбудиҳои иқлими инвеститсионии Тоҷикистон ёрӣ дода, ба бунёди асоси боз ҳам самарабахштари институтсионалӣ ҷиҳати пешравии маблағгузориҳо мусоидат мекард.

ХММХ ва ОБКМ бо ёрии молиявии гранти Ҳукумати Швейтсария, ва кӯмаки техникии Котиботи Швейтсария оиди иқтисодиёт (СЭКО) дар бобати ёрирасонӣ ба инвеститсияҳо якҷоя таҳқиқоти иқлим ва нерӯи маблағгузориҳоро анҷом доданд.

Дар назар дошта шудааст, ки тавсияномаҳои таҳқиқоти мазкур ҳангоми кор карда баромадани барномаи ислоҳоти самтҳои афзалиятнок, ки дар ин таҳқиқот муқаррар гаштаанд, ба эътибор гирифта мешаванд.

ХММХ ва ОБКМ дар давоми қариб ду сол бо намояндагони Ҳукумат, бахши хусусӣ, донорҳо ва мушовирон барои муайянкунӣ ва арзёбии монеаҳои асосии роҳи рушди бахши хусусӣ ва камбудиҳои механизми институтсионалии ба Тоҷикистон ҷалбкунии инвеститсияҳо як катор рисолатҳо, семинару вохуриҳо гузарониданд.

Самтҳои афзалиятноке, ки ХММХ ва ОБКМ барои амалиёти минбаъда муқаррар кардаанд, инҳоро дар бар мегиранд: аникии ҷанбахои ҳуқуқӣ, шаффофият ва самаранокӣ, литсензиядиҳӣ ва гирифтани дигар ҳуҷҷатҳои иҷозатномавӣ, дастрас будани маблағгузорӣ, харидани замин ва биноҳо, ҳамчунин масъалаҳои ободонии заминҳо, идоракунии қоидаву тартиботи содиротӣ, ёрӣ расонидан ба маблағгузориҳо.

## Ж. Иҷрои маҷмӯи азхудкуниҳои ҳуҷҷатҳо дар Тоҷикистон

Бонки Умумиҷаҳонӣ бо мақсади таъмини истифодаи самараноки ёрии молиявӣ рафти иҷрои лоиҳаҳоеро, ки дастгирӣ менамояд, бодиққат муоина мекунад, (тавассути рисолатҳои мунтазами муоинаи рафти иҷрои лоиҳаю вохуриҳое, ки намояндаи доимии Бонки Умумиҷаҳонӣ бо тамоми марказҳои иҷрои лоиҳа ва сохторҳои дахлдори ҳукуматӣ мегузаронад), арзёбии миёнамӯҳлати иҷрои лоиҳаҳо, инчунин баъди анҷоми лоиҳа арзёбии дахлдорро мегузаронад. Илова бар ин, Бонк ҳар сол Шарҳи маҷмӯи азхудкуниҳои ҳуҷҷатҳоро мегузаронад, ки ин имконияти нодири ҳам Бонк ва ҳам ҳукумат аст дар бобати гузаронидани вазъи маҷмӯи азхудкуниҳо ва тайёр кардани нақшаи амал оиди ҳалли масъалаҳои умумӣ.

Охирин маротиба чунин шарҳ **10 октябри соли 2006** гузаронида шуд. Дар он Бонки Умумиҷаҳонӣ ва Бонки Осиёгии Рушд, дафъаи сеюм, таъсиррасонии кӯмаки худро ба рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон дида баромад. Ду шарҳи пешинаи лоиҳа солҳои 2004 ва 2005 гузаронида шуда буданд.



Иштирокчиёни вохӯрӣ шарҳи лоиҳаҳои Бонки Умумиҷаҳонӣ ва Бонки Осиёгии Рушдро дар Тоҷикистон гузарониданд, рафти иҷрои Нақшаи амали дар вохӯрии пешина қабулшударо муҳокима карданд, масъалаҳои умумиеро ба миён гузоштанд, ки ҳалли худро дар давоми соли оянда бо мақсади баландбардории сифат, суръати иҷро, устувории натиҷаҳо ва таъсири судбахши лоиҳаҳо металабиданд. Ҳамчунин Бонкҳо варианти лоиҳавии Нақшаи амалро барои соли 2007 тартиб доданд.

Маҷмӯи лоиҳаҳои ҳарду бонк дар Тоҷикистон аз 27 лоиҳа иборат аст, (аз он 16-тоашро Бонки Умумиҷаҳонӣ ва 11-тоашро БОР маблағгузорӣ мекунанд). Қисми асосии лоиҳаҳо ба рушди деҳот (33%), бахши энергетика (17%), нақлиёт (17%), бахши иҷтимоӣ (16%), обтаъминкунӣ (9%) ва идораи давлатӣ (4%) рост меояд.

Идоракунии босамари калони иқтисодӣ ва бахши молия мувофиқан 3 ва 1 фоизи маблағро мегиранд.

Дар се соли охир, рафти иҷрои маҷмӯи лоиҳаҳое, ки дар Тоҷикистон аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешаванд, қаноатбахш дониста шуд. Ҳамин тариқ, солҳои 2005 – 2006 фоизи азхудкунии маблағҳо 36 ва 29 фоизро ташкил дод, ки дар Осиёи Марказӣ нишондиҳандаи баландтарин мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Кумитаи давлатии оид ба маблағгузориҳо ва идораи молу мулк, аз ҷумла Бонки Умумиҷаҳонӣ ва Бонки Осиёгии Рушд рафти иҷрои маҷмӯи азхудкуниҳоро доимо муоина мекунанд, иҷрои Нақшаи амалро тавассути дар як сол ду маротиба гузаронидани вохӯриҳои оиди шарҳи мобайнии маҷмӯи азхудкуниҳо мониторинг менамоянд.

**Барои ба даст овардани иттилооти иловагӣ веб-сайти моро дида метавонед: www.worldbank.org/tj, ё бо намояндагони зерин алоқа намоед:**


**Дар Намояндагии доимии Бонки Умумиҷаҳонӣ дар ш. Душанбе:**

Ҷавдет Денизер, Намояндаи доимӣ;
Диля Зоирова, Ассистент оид ба робита бо ҷомеа;
Почтаи электронӣ: dzoirova@worldbank.org
Телефонҳо: 992 (372) 221-07-56, 221-03-81, 221-15-18;
Суроға: кӯчаи Шевченко, 91-10;
Душанбе, Тоҷикистон.

**Дар Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ:**

Метю Скэндон, Мутахассис оид ба маблағгузориҳо;
Катерина Филлипова, Ассистенти барнома;
Почтаи электронӣ: kfillippova@ifc.org
Телефонҳо: 992 (372) 221-07-56, 221-03-81, 221-15-18;
Суроға: кӯчаи Шевченко, 91-10;
Душанбе, Тоҷикистон.

Ҷаноби Андреа Далл Олио, Роҳбари лоиҳаи БШБХ;
Почтаи электронӣ: adallolio@ifc.org
Телефонҳо: 992 (48) 701 14 40;
www.ifc.org/centralasia
Суроға: кӯчаи Абдулло Командир, х. 7;
Душанбе, Тоҷикистон.

# МАРКАЗҲОИ ИҶРОИ ЛОИҲАҲОЕ, КИ БОНКИ УМУМИҶАҲОНӢ МАБЛАҒГУЗОРӢ МЕКУНАД

**Лоиҳаи оид ба барқарор намудани инфрасохтори деҳот**
**Лоиҳаи кишоварзии ҷамоавӣ ва идораи обтақсимкунакҳо**
**Лоиҳаи оид ба таъмин намудани омодагии Тоҷикистон ба зукоми паррандаҳо ва пандемияи инсонии он**
Директор: Тоҳир Остонаев
Менеҷер: Светлана Балхова
Суроға: хиёбони Рӯдакӣ 44, бинои Вазорати кишоварзӣ
Телефонҳо: 221-85-66, 221-13-67, 227-66-41;
Факс: 251-01-17;
Почтаи электронӣ: svetlana@tojikiston.com, cdwshmp_pr@tojikiston.com
*Роҳбари лоиҳаи ПВСИ: Усаид ал-Ханбали*
*Роҳбари лоиҳаи оид ба ПОСХУВ: Ҷессика Мотт*
*Роҳбари лоиҳаи оид ба зукоми паррандаҳо: Бобоҷон Ятимов*

**Лоиҳаи оиди бақайдгирии замин ва системаи кадастр**
Директор: Виктор Болтов
Суроға: кӯчаи Гипрозем городок, б. 15, бинои Кумитаи давлатии заминсозӣ
Телефонҳо: 445-01-98, 441-01-95, 231-19-83;
Факс: 445-01-97;
Почтаи электронӣ: cadastr@tajnet.com,
*Роҳбари лоиҳа: Ҷессика Мотт*

**Лоиҳаи оид ба идораи захираҳои оби водии Фарғона**
Директор: Абдулвоҳид Шарифов
Суроға: кӯчаи Шамсӣ, б. 51, ошёнаи 9, бинои Вазорати обёрӣ ва хоҷагии об
Телефонҳо: 236-62-08, 998-81-11-85;
Факс: 236-62-08;
Почтаи электронӣ: pmu@fvwrmp.tj,
*Роҳбари лоиҳа: Усаид Ал-Ханбали*

**Лоиҳаи тандурустии ҷамоавӣ ва асосӣ**
Директор: Маҳбуба Шералиева
Суроға: кӯчаи Пулодӣ, ҳ. 41
Телефонҳо: 221-33-46, 227-25-31;
Факс: 227-68-22;
Почтаи электронӣ: mahbuba@health.tojikiston.com, mahbuba@piu.tj
*Роҳбари лоиҳа: Энн Бакилана*

**Лоиҳаи оид ба нав кардани системаи маориф. Ташаббуси босуръати маориф барои ҳама**
Директор: Исроил Исмоилов
Суроға: кӯчаи Нисор 13А, б. 15, ошёнаи 4, бинои Вазорати маориф
Телефонҳо: 223-23-92, 223-45-83;
Факс: 221-79-73;
Почтаи электронӣ: emp@pmutajiknet.com,
Суроға дар Интернет: http://www.piue.tojikiston.com
*Роҳбари лоиҳа: Эрнесто Куадра*

**Лоиҳа оиди ба кам кардани ҳаҷми талафоти энергетикӣ**
*Менеҷери оид ба қисмати таъминот бо қувваи барқ: Эҳсон Мамадҷонов*
Суроға: кӯчаи И. Сомонӣ, б. 64, ошёнаи 3, утоқи 714, бинои «Барқи Тоҷик»
Телефонҳо: 29-56-58, 90-771-65-41, 93-507-38-60, 29-53-41;
Факс: 235-86-92;
Почтаи электронӣ: prgbt@tajnet.com,
*Менеҷери оид ба таъминот бо газ: Аҳмад Идиев*
Суроға: хиёбони Рудакӣ 6, бинои «Тоҷикгаз»
Телефонҳо: 227-44-33, 90-771-21-03,
Почтаи электронӣ: elrp.tajikgas@gmail.com
*Роҳбари лоиҳа: Рагувир Шарма*

**Лоиҳа оиди ба рушди бахши энергетикии Помир**
*Саридоракунандаи молиявӣ: Амин Лакали*
Суроға: кӯчаи Гулмамадов, х. 75, ВМКБ, Хоруғ
Телефонҳо: (992-35-222) 28-10, (992 835) 222-25-19;
Телефон\ Факс: (992 35-222) 25-19
Факс: 235-86-92;
Почтаи электронӣ: administration@pamirenergy.com
*Роҳбари лоиҳа: Рагувир Шарма*

**Лоиҳаи оид ба барқарор кардани системаи обтаъминкунии ш. Душанбе**
*И.в. Директор: Хуршед Шукуров*
Суроға: кӯчаи С. Айнӣ, б. 14А, ошёнаи 4, бинои корхонаи «Обу корези Душанбе»
Телефонҳо: 221-42-23, 221-45-62;
Факс: 221-62-23;
Почтаи электронӣ: dwspcu@tojikiston.com
*Роҳбари лоиҳа: Ҷонатан Камквалала*

**Лоиҳаи оид ба рушди инфрасохтори маҳаллӣ**
*Директор: Ҷамшед Табаров*
Суроға: кӯчаи Н. Қаробоев, б. 56, бинои «Тоҷиккоммунсервис»
Телефонҳо: 233-57-63, 233-13-30;
Факс: 233-88-25;
Почтаи электронӣ: office@midp.tj
*Роҳбари лоиҳа: Ҷонатан Камквалала*

**Лоиҳаи оид ба ислоҳоти бахши давлатӣ**
*Директор: Фаррух Ҳамроалиев*
Суроға: хиёбони Рӯдакӣ 27,ошёнаи 2, бинои «МАДАД»
Телефонҳо: 227-53-70, 221-73-61;
Факс: 227-53-70;
Почтаи электронӣ: psrp@mail.tj
*Роҳбари лоиҳа: Светлана Проскуровска*

**Лоиҳаи оид ба тақвият додани системаи миллии омор**
*Директор: Мирганд Шаҳбозов*
*Координатор: Савдар Раҷаббеков*
Суроға: кӯчаи Бохтар, б. 17, ошёнаи 3, утоқи 303, бинои Агентии давлатии оид ба омор
Телефонҳо: 227-58-51;
Факс: 221-67-84;
Почтаи электронӣ: rajabekov62@yahoo.com
*Роҳбари лоиҳа: Мустафо Динч*

**Хазинаи миллии иҷтимоии инвеститсионии Тоҷикистон**
*И.в. Директор: Саидаҳмад Мирзоев*
Суроға: кӯчаи Бохтар, х. 25А
Телефонҳо: 221-24-78, 221-87-53, 221-60-23, 221-31-08, 221-68-44;
Факс: 251-00-67;
Почтаи электронӣ: spap@nsift.tojikiston.com
*Роҳбари лоиҳа: Боряна Готчева*

**Гранти ХРИ барои рушди нерӯи соҳаи ҳисобдиҳандагии бахши давлатӣ**
*Координатор:*
*Бахтиёр Низомиддинов*
Суроға: хиёбони Рудакӣ 78, ошёнаи 1, утоқҳои 16 ва 19, бинои Агентии оид ба назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия
Телефонҳо: 227-21-47, 93-506-03-00;
Факс: 227-48-75;
Почтаи электронӣ: grgsfcc@mail.ru
*Роҳбари лоиҳа: Ҷон Огалло*

**Лоиҳаи оид ба нигоҳ доштани гуногунии ҳайвоноту набототи парваришгоҳи Даштиҷум**
*Директор: Неъматулло Сафаров*
Суроға: кӯчаи Шевченко, х. 47
Телефон: 221-89-78;
Факс: 221-89-78;
Почтаи электронӣ: noosfera@biodivtojikiston.com
*Роҳбари лоиҳа: Бобоҷон Ятимов*

**Гранти ХРИ барои ислоҳоти системаи харидҳои давлатӣ**
*Координатор: Хамдам Тағоймуродов*
Суроға: кӯчаи Ниссо Мухаммад, б. 10\17, бинои Агентии давлатии оид ба хариди мол, корҳо ва хизмат
Телефон: 227-05-00;
Факс: 221-46-40;
Почтаи электронӣ: 1_latypova@mail.ru
*Роҳбари лоиҳа: Навшод Хон*